Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№23 (12456)
6 июни
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО

ИТТИҲОДУ ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАФИЛИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ МОСТ

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар

30.05.2024, шаҳри Душанбе

Муҳтарам олимону донишмандон!
Ҳозирини гиромӣ!

Аз вохӯрии мо бо аҳли зиёи кишвар чор сол сипарӣ гардид. Имрӯз тасмим гирифтем, ки натиҷаҳои мулоқоти қаблӣ, ҳолати кунунии рушди илм ва дурнамои он, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ, ташаккули тафаккури техникӣ, дастгирии ташаббусҳо дар самти ихтироъкорӣ, инчунин, сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмиро дар кишвар баррасӣ намоем.

Мо бояд донем, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ илми ватанӣ дар масири пешрафти давлат ва иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат чӣ хизмате анҷом дод.

Ва мо чӣ тадбирҳое бояд андешем, ки илм дар кишвари мо ба талаботи замони тараққиёту таҳаввулоти зеҳниву технологӣ ҷавобгӯ бошад, роҳро барои рушду пешравии давлат ва ҷомеа ҳамвор созад, яъне, ба давлат ва халқи Тоҷикистон хизмат намояд.

Ҳукумати Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, бо мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст.

Тавре дар Паёми навбатӣ таъкид карда будам, рушди иқтисодиёт ва таҳвияти рақобатнокии он бе саҳми сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем.

Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд.

Мову шумо дида истодаем, ки имрӯз кишварҳои мухталифи дунё бар пояи илму дониш, ихтироъкориву истеҳсол ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир чӣ гуна тараққӣ карда истодаанд.

Ҳоло истифодаи «зеҳни сунъӣ» дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт густариш пайдо карда истодааст.

Ба ин маънӣ, дастоварди олимон на танҳо пешрафти як давлату миллатро такон мебахшад, балки метавонад мавриди истифодаи башарият қарор гирад.

Мисол мегирем телефони мобилӣ, интернет, мошинҳои барқӣ ё ваксинаҳое, ки ҷони миллионҳо нафарро аз марг наҷот доданд.

Шумо хуб медонед, ки Ҳукумати мамлакат дар шароити бисёр мураккаби иқтисодиву молиявии солҳои 90-ум на фақат ҳамаи муассисаҳои Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавиро устувор нигоҳ дошт, балки дар сохтори онҳо даҳҳо пажуҳишгоҳ ва марказҳои нави илмиву таҳқиқотиро таъсис дод.

Дар бораи корҳои тайи беш аз сӣ сол амалинамудаи Ҳукумати мамлакат мехоҳам баъзе рақамҳоро, такрор шавад ҳам, хотиррасон намоям.

Аввалин ва муҳимтарин коре, ки мо анҷом додем, қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарор кардани сулҳу оромӣ, аз кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳои иҷборӣ, ташкил кардани шароити зарурии зиндагӣ барои онҳо ва ба роҳ мондани раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ буд.

Анҷом додани ин корҳо аз Ҳукумати мамлакат саъю талоши пайгирона, заҳмати бисёр сангини шабонарӯзӣ ва хароҷоти бузургро талаб мекард. Яъне, қариб даҳ соли аввали соҳибистиқлолӣ бо мухолифату кашмакашҳои дохилӣ гузашт. Танҳо аз соли 2000-ум мо имкон пайдо кардем, ки пастравии иқтисоди миллиро боздошта, ба оғози марҳалаи рушд ворид гардем.

Дар ин давраи вазнини таърихи халқамон мо фаъолияти фалаҷшудаи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор кардем, Артиши миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, яъне Қуввоҳои Мусаллаҳи худро амалан дар ҷои холӣ таъсис додем.

Дар солҳои минбаъда бунёду азнавсозии роҳҳои мамлакатро оғоз карда, беш аз 2000 километр роҳҳои замонавӣ, зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар ва садҳо пули нав бунёд намудем ва Тоҷикистони сепорчаро ба як қаламрави воҳид табдил додем.

Мо дар ин марҳала барои таҳвияти заминаҳои моддиву техникии илми ватанӣ маблағгузориро зиёд карда, ба ин мақсад 1 миллиарду 607 миллион сомонӣ ҷудо намудем, сохтори Академияи илмҳоро мукаммал гардонидем ва соли 2020 онро ба Академияи миллии илмҳо табдил додем.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, аз ҷумла, дар соҳаи илму маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки аз ин шумора даҳҳо лоиҳа ба соҳаи илм равона гардидааст.

Дар ин давра сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадричан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расид. Шумораи аҳолии мамлакат аз 5,5 миллион нафари соли 1991 ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 ба 10,3 миллион нафар расид, яъне қариб ду баробар афзоиш ёфт. Дар даҳсолаҳои охир афзоиши шумораи аҳолӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 2,3 фоизро ташкил карда истодааст, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои мазкур далели равшану возеҳи беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошанд.

Агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 шумораи танҳо муштариёни алоқаи мобилӣ ба беш аз 6,7 миллион нафар расид. Танҳо дар соли 2023 барои истифодаи алоқаи мобилӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат 3,8 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст.

Ҳоло шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Соли 1991 дар кишвар 53 меҳмонхона фаъолият дошт ва ҳоло ин рақам ба 227 расидааст ё 4,2 баробар зиёд гардидааст.

Дар оғози соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ як ташкилоти қарзӣ мавҷуд буд. Ҳоло ин рақам ба 63 расидааст.

Агар аз ҷониби низоми бонкии кишвар соли 1991 ба муштариён ҳамагӣ 2,2 миллион сомонӣ қарз дода шуда бошад, соли 2023 ин нишондиҳанда қариб 19 миллиард сомонӣ ва танҳо дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ 6,6 миллиард сомониро ташкил додааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла, 52 ҳазор

(Давомаш дар саҳ. 2)

Аз ҳар бало рахна барои гурез ҳаст; мушкил дидани сари он аст. Даниел Дефо

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

ИТТИҲОДУ ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАФИЛИ

(Аввалаш дар саҳ. 1)

гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда дода шуд.

Яъне, дар маҷмуъ, беш аз 8 миллиону 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат шароити истиқоматии ҳудро беҳтар кардаанд.

Дар 70 соли то замони истиқлол барои бунёди манзили истиқоматӣ ҳамагӣ ба 530 ҳазор оила 77 ҳазор гектар замин ҷудо гардида буд.

Дар даврони истиқлол дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо гузаронида шуда истодааст.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки солҳои вазнини 90-уми асри гузашта мо бо мақсади пешгирӣ кардани хатари гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем.

Ин қитъаҳои замин, ки номи «замини президентӣ»-ро гирифтанд, дар пешгирӣ намудани хатари гуруснагӣ воқеан нақши калидиро иҷро карданд.

Дар замони Шуравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазору 500 корхонаи саноатӣ бо 88 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ ба маблағи умумии 86 миллиард сомонӣ бунёду таҷдид гардид, ки дар натиҷа 75 фоизи зерсохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ карда шуд.

Аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Помир – 1», «Тоҷикистон» ва Маркази барқу гармидиҳӣ дар шаҳри Душанбе сохта ба истифода дода шуда, неругоҳи «Сарбанд» пурра таҷдид гардид.

Илова бар ин, корҳои таҷдиду барқарорсозии пурраи неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум», инчунин, бунёди неругоҳи «Себзор» бомаром идома дорад. Дар ин давра беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ ба истифода дода шуданд. Истеҳсоли неруи барқ аз 17,6 миллиард киловатт–соат дар соли 1991 ба 21 миллиарду 860 миллион киловатт–соат дар соли 2023 ё 24,2 фоиз афзоиш ёфт.

Соли 1991 дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамагӣ 216 ҳазор мошини сабукрав ба қайд гирифта шуда буд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба кишвар беш аз 1 миллион мошини сабукрав ворид шудааст.

Агар соли 2000-ум ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ ҳамагӣ 93 миллион сомониро ташкил карда бошад, ҳоло ин нишондиҳанда ба 20,4 миллиард сомонӣ расидааст, яъне, 219 баробар афзоиш ёфтааст.

Агар соли 1992 ба соҳаи илм ҳамагӣ 58 ҳазор сомонӣ маблаг равона гардида бошад, дар соли 2023 ба ин соҳа 180 миллион сомонӣ ҷудо гардида, дар буҷети соли 2024 зиёда аз 225 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Мо ба масъалаи маориф ва илм таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар давоми беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, муассисаҳои типи нав, яъне, гимназия, литсейю коллеҷ, инчунин, донишгоҳу донишкада бунёд кардем.

То замони истиқлол дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 65 ҳазор донишҷӯ фаъолият дошт.

Ҳоло ин рақам ба 47 ва шумораи донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 220 ҳазор нафар расидааст. Яъне, ҳам шумораи мактабҳои олӣ ва ҳам шумораи донишҷӯёни онҳо қариб чор баробар афзудааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат аз соли 2001 то соли 2019 дар сохтори Академияи миллии илмҳо бо роҳи азнавташкилдиҳӣ муассисаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ – пажуҳишгоҳҳои масъалаҳои об, гидроэнергетика ва

экология, иқтисод ва демография, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон, Маркази синошиносӣ дар назди Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ таъсис дода шуданд.

Ҳамчунин, таъсиси пажуҳишгоҳи омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, Маркази мероси хаттӣ, Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нав, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ ва Маркази омӯзиши пиряҳҳои Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои ҳамин давра мебошанд.

Ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон узви баробарҳуқуқи даҳҳо муассисаи бонуфузи илмии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин марҳала сохтори Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон низ такмил дода, шумораи бастҳои корӣ зиёд карда шуд.

Соли 2003 дар назди ин академия Маркази илмии кишоварзии Помир ва соли 2020 Маркази ҷумҳуриявии илмиву таҳқиқотии пиллапарвариро таъсис додем.

Корҳои то имрӯз амалигардида гувоҳанд, ки аз рӯзҳои аввали ташкили давлати соҳибистиқлол илму маориф дар сиёсати Ҳукумати мамлакат мавқеи меҳварӣ дошта, олимону муҳаққиқон ва омӯзгорону зиёиён неруи созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар мебошанд.

Аз ҷумла, олимони кишвар дар таҳияи ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 саҳми арзишманд гузоштанд.

Олимони мо минбаъд низ бояд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини рушди босуботи мамлакат, пешрафти соҳаҳои мухталифи он, хусусан, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ саҳмгузор бошанд.

Иҷрои ин корҳо вазифаи танҳо Ҳукумат нест, балки дар ин раванд олимону зиёиёни кишвар низ бояд пешсаф бошанд.

Истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овард, ки таҳқиқи илмии дастовардҳои моддиву маънавӣ, мероси фарҳангӣ ва таърихи куҳанбунёди тоҷикон вусъати бесобиқа пайдо карда, миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангсолор, эҷодкору илмпарвар ва шаҳрсозу шаҳрнишин муаррифӣ гардад.

Қобили зикри хос аст, ки дар ин давра як силсила ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, доир ба амалӣ намудани онҳо қатъномаҳои дахлдори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд.

Барои нақши арзишманд дар рушди илм, маориф ва фарҳанг, таҳкими робитаҳои илмии байналмилалӣ ва анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ беш аз 40 нафар олимони Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ҷоизаву унвонҳо ва мукофотҳои байналмилалӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Аз тарафи Ҳукумати мамлакат барои саҳми арзанда дар иқтисодиёт, илм, фарҳанг, адабиёт, фаъолияти босамари давлатӣ, ҷамъиятӣ ва эҷодӣ то имрӯз садҳо нафар олимони кишвар бо ҷоизаҳо, унвонҳо ва мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки бо вуҷуди дастгириву таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат натиҷаи кори олимон ва сохторҳои соҳаи илм посухгӯи талаботи замон нест.

Имрӯз саҳми илми ватанӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ҳамагӣ 0,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда умуман қонеъкунанда нест.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст фаъолияти самарабахши соҳаи илмро талаб намояд ва иҷрои чорабиниҳои ба ин мақсад равонашударо таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад.

Аз ин лиҳоз, таъкид менамоям, ки зарурати ислоҳоти ҷиддӣ, аз ҷумла, таҷдиди сохтории Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои илмиву таҳқиқотии он ба миён омадааст.

Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки бо таъсиси комиссияи босалоҳият таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳамаи зерсохторҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, иншоот ва заминҳои аз даврони гузашта дар тавозуни ин сохторҳо боқимондаро анҷом диҳад.

Ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти самарабахши онҳо, хусусан, тавассути кам кардани хароҷот барои нигоҳдории таҷҳизоти нодаркор ва аз ин ҳисоб бо технологияҳои замонавӣ таъмин намудани озмоишгоҳҳои мавҷуда ва таҷдиди пояи иттилоотии таҳқиқоти илмӣ бояд пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шаванд.

Таъкид месозам, ки сатҳи нисбатан пасти самаранокии фаъолияти кормандони Академияи миллии илмҳо яке аз масъалаҳои ташвишовари соҳаи илми кишвар мебошад.

Таҳлили ҳисоботи академия тайи солҳои 2021 – 2023 нишон медиҳад, ки аз ҷониби қисме аз аъзои вобаставу пайваста ва дигар кормандони илмӣ дар ин муддат ягон таҳқиқоти мушахҳаси илмӣ анҷом дода нашудааст.

Таҳия нашудани санади дахлдор оид ба меъёрҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва кормандони онҳо яке аз сабабҳои ин падидаи нигаронкунанда маҳсуб мешавад.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ ва дигар сохторҳои марбута вазифадор карда мешаванд, ки бо таъсиси гурӯҳи корӣ дар муҳлати се моҳ доир ба ин масъала пешниҳоди мушаххас манзур намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илм яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд ва онро бо дарназардошти имкониятҳои буҷет сол ба сол зиёд карда истодааст.

Чунонки болотар зикр гардид, маблағгузории соҳаи илм танҳо дар соли 2024-ум ба 225 миллион сомонӣ расонида шуд, ки назар ба соли 2023-юм 45 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Маоши миёнаи кормандони Академияи миллии илмҳо соли 2003-юм ҳамагӣ 45 сомонӣ буд ва соли 2023 ба 2438 сомонӣ расонида шуд, яъне, қариб 54 баробар афзоиш дода шуд.

Аз моҳи июл дар баробари дигар соҳаҳо маоши кормандони илм боз 40 фоизи дигар зиёд карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки ҷиҳати татбиқи нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 корро ба мақсади то охири муҳлати стратегия ба 1,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани ҳиссаи хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм таҳвият бахшанд.

Мо ба хотири ҳавасмандгардонии олимон ва пешрафти илму маориф дар кишвар унвонҳои фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистонро таъсис додаем.

Ба замми ин, Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ҷоизаҳои давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника, Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҷоизаҳои давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон таъсис дода шудаанд.

Ҳоло даҳҳо ҳазор хонандагону донишҷӯёни кишвар намудҳои гуногуни стипендия, аз стипендияи президентӣ то стипендияҳои раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро мегиранд.

Ҳамаи тадбирҳои зикргардида далели ғамхориву дастгирии давлатӣ нисбат ба аҳли илму маориф буда, ҳоло ба дарёфти истеъдодҳо ва дастовардҳои нави илмӣ мусоидат карда истодаанд.

Мо соли 2022 Қонун «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ»-ро қабул намудем.

Татбиқи қонуни зикршуда метаво-

(Давомаш дар саҳ. 3)

То 1 апрели соли равон дар вилояти Хатлон бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 2762 иншоот ба истифода дода шудааст.

ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ МОСТ

(Аввалаш дар саҳ. 2)

над вазъи маблағгузории соҳаи илмро бамаротиб беҳтар гардонида, ба ҳарчи бештар амалӣ шудани дастовардҳои илм дар истеҳсолот мусоидат намояд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз роҳу воситаҳои татбиқи самараноки қонун таҳия нагардидаанд ва қисми зиёди олимону ихтироъкорони мо доир ба моҳияти он маълумоти кофӣ надоранд.

Дар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти касбӣ раванди робитаи илм бо истеҳсолот ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимону ихтироъкорон ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест.

Сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҷорӣ нагардидани механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо, алоқаи сусти байнисоҳавӣ дар пешбурди таҳқиқот дар асоси қонунҳои бозорӣ аз ҷумлаи камбудиҳо дар ин самт ба ҳисоб мераванд.

То ҳол воридоти молҳои ниёзи аввал ба кишвар зиёд буда, солона беш аз 17 миллиард сомонӣ ё 25 фоизи ҳаҷми умумии воридотро ташкил медиҳад ва илми ватанӣ ба тағйир додани чунин вазъият таъсиргузор нест.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки таъсиси сохтори алоҳида – Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти мамлакат бояд ба раванди пайванди илм бо истеҳсолот ва рушди фаъолияти инноватсионӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Фаъолияти ин сохтор бояд ба рушд, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ва таҳияи механизми татбиқи он равона карда шавад.

Вазоратҳои адлия, молия, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои марбутаро зарур аст, ки ҷиҳати таҳияи санадҳои зерқонунӣ, бунёди зерсохтори зарурӣ ва татбиқи самарабахши қонуни зикршуда чораҳои дахлдор андешанд.

Ҳозирини муҳтарам!

Ҳоло дар кишвар қариб 5900 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки 886 нафар ё 15,5 фоизи онҳо доктори илм (аз ин 146 нафар ё 16 фоиз занон), 4800 нафар номзади илм ва 158 нафар доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

То замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3300 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла, 229 нафар докторҳои илм ва 3074 нафар номзадҳои илм фаъолият мекарданд.

Яъне, дар давраи соҳибистиқлолӣ шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ 1,8 баробар, аз ҷумла, докторҳои илм қариб чор баробар ва номзадҳои илм 1,6 баробар зиёд гардидааст. Таъкид месозам, ки ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Дар кишвар вазъи тайёр кардани олимони ҷавон аз рӯйи ихтисосҳои зилзилашиносӣ, энергетика, геология, меъморӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия ва экология ба тақозои замона ҷавобгӯй нест.

Мо, инчунин, ба олимону мутахассисони илмҳои вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, сотсиология, яъне иҷтимоъшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия ва як қатор илмҳои дигар ниёз дорем.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ҷалби ҷавонон ба илм ва ихтироъкорӣ дар пешбурди сиёсати соҳаи илм дар мамлакат яке аз вазифаҳои асосӣ ва зарурӣ ба шумор меравад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ба рушди бомароми соҳаи маориф ва дарёфти шахсоне, ки таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом дода метавонанд, эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода истодаем.

Аммо дар ин самт якчанд омили нигаронкунанда вуҷуд дорад. Масалан, имрӯз дар баъзе соҳаҳои илм, бахусус, дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ кормандони калонсол аксариятро ташкил медиҳанд, ки аслан ин падидаи манфӣ нест, зеро расидан ба камолоти зеҳниву илмӣ солҳои тӯлонии омӯзишу таҳқикро талаб мекунад.

Аммо дар баробари ин, мо шоҳиди дастгирӣ наёфтани ҷавонон аз ҷониби олимону донишмандони калонсол ва камтаваҷҷуҳӣ нисбат ба талошҳои онҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди илмӣ ҳастем.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки барои чӣ баъзе устодону олимони номдори мо дар муддати беш аз панҷоҳ соли фаъолияти илмии худ ақаллан чор – панҷ шогирди сазовор тарбия накардаанд?

Ба ақидаи ман, идома додани мактаби устоду шогирд дар ҳамаи касбу корҳо ва махсусан, дар соҳаи илм қарзе мебошад, ки онро ҳар як олими собиқадору соҳибтаҷриба дар назди шогирдони худ бояд адо намояд.

Фаромӯш набояд кард, ки ин анъана дар таърихи халқи мо собиқаи тӯлонӣ дорад. Мо ҳамеша мегӯем, ки пайванди наслҳоро бояд ҳифз кунем ва идома диҳем.

Расми дунё ҳамин аст, ки ҳеҷ кас дар зиндагӣ ва мансаб абадӣ нест ва касе ҳатман ҷойгузини каси дигар мешавад, аз ҷумла, шогирд ба ҷойи устод.

Аз ин лиҳоз, ба ҷойи дастгирӣ кардани ҷавонон нисбат ба онҳо кӯтоҳбиниву тангназарӣ зоҳир намудан кори тамоман нодуруст мебошад.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки дар арзёбии фаъолияти илмии ҳар як олим ва махсусан, доктори илм ду меъёр бояд асосӣ ва аслӣ бошад: аввал, натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ, ки посухгӯи ниёзҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон бошанд ва дуюм, тарбияи кадрҳои ҷавон, ки ба саҳм гузоштан дар рушди илми кишвар қодир бошанд.

Ҳамаи аҳли нишаст хуб медонанд, ки тарбияи кадрҳои соҳибмаърифат ва донишманду илмдӯст яке аз масъалаҳои муҳим дар сиёсати пешгирифтаи давлати мо мебошад.

Мо ҳамасола ба ҳисоби миёна беш аз 10 000 нафар ҷавононро барои азхудкунии илму донишҳои муосир ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои бонуфузи мамолики дигар мефиристем ва ҳоло шумораи умумии онҳо беш аз 40 000 нафарро ташкил медиҳад.

Аммо санҷиши вазъи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Пажуҳишгоҳи математикаи Академияи миллии илмҳо муайян намуд, ки аз соли 2018 то соли 2023 дар ин муассиса 18 нафар ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷет ва 1 нафар ба таври шартномавӣ қабул карда шудааст. Вале аз шумораи умумии хатмкардагон танҳо 2 нафар докторант рисолаи илмии худро ҳимоя кардааст.

Сабаби дар муҳлати муайяншуда ҳимоя нагардидани рисолаҳои илмӣ, агар аз як тараф, ба таври самаранок фаъолият накардани худи докторантҳо бошад, аз ҷониби дигар, бемасъулиятии роҳбарони илмии онҳо мебошад.

Дар ин самт ҳолатҳои сӯиистифода аз вазифа низ ҷой доранд.

Аз 19 нафар докторанти қабулгардида роҳбарии 8 нафари онҳоро собиқ директори Пажуҳишгоҳи математика ба зимма гирифтааст, вале ягон нафари онҳо рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Чунин муносибат нисбат ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар дигар пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ низ дида мешавад.

Масалан, дар Пажуҳишгоҳи чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзӣ аз соли 2019 то имрӯз 16 нафар докторант аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷет қабул карда шудааст. Аммо то имрӯз ягон нафар рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Дар даҳ соли охир ба Пажуҳишгоҳи масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзӣ 28 нафар аспирант ва 10 нафар унвонҷӯ қабул гардидааст. Лекин дар ин муддат аз 38 нафар ҳамагӣ 3 нафар рисолаи илмии худро ҳимоя кардааст, ки ташвишовар мебошад.

Дар Пажуҳишгоҳи хокшиносӣ дар даҳ соли охир 13 нафар докторант аз рӯйи ихтисос қабул шудааст, вале то ҳол ягон нафар рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Муҳтарам намояндагон ва кормандони муассисаҳои илмӣ, хусусан, роҳбарони илмии унвонҷӯёну аспирантҳову докторантҳо! Бо дарназардошти вазъе, ки гуфта шуд, ман аз шумо мепурсам, ки чунин муносибат илми тоҷикро ба куҷо мебарад?

Ин гуна хунукназарӣ нисбат ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ метавонад дар оянда оқибатҳои бисёр ногувор, аз ҷумла, паст гардидани сатҳи маърифатро дар байни ҷомеа ба миён оварад.

Илова бар ин, таъкид месозам, ки маблағҳои буҷет беҳисобу беохир ва беназорат нестанд.

Бинобар ин, аз роҳбарони муассисаҳо ва роҳбарони илмӣ қатъиян талаб менамоям, ки ба фориғболиву бемасъулиятӣ, хусумати шахсӣ, рӯйихотирбинӣ, нотавонбинӣ нисбат ба якдигар ва рақобати носолим миёни муассисаҳои илмии кишвар ҳарчи зудтар хотима бахшанд.

Пас аз пошхӯрии Шуравӣ аксар кишварҳои ба мо наздик академияҳои худро ё барҳам доданд ё ба ниҳодҳои ҷамъиятӣ табдил доданд. Мо баръакс, бо вуҷуди шароити вазнини он солҳо муассисаҳои илмӣ ва Академияи илмҳоро нигоҳ доштем, дастгирӣ кардем ва дастгирӣ карда истодаем.

Аммо дар ҷавоби ин ҳама ғамхориҳо баъзан муносибат ва рафтори бисёр ташвишоварро мушоҳида мекунем.

Бахусус, мавқеи шаҳрвандии баъзе олимону донишмандони мо бисёр нигаронкунанда мебошад.

Бетарафӣ, гоҳо танқиди беасос, норозигии доимӣ, эҷоди иғво дар ҷомеа ва монанди инҳо ба одати баъзеҳо табдил ёфтааст.

Фаромӯш набояд кард, ки яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта маҳз ҳамин гуна бетарафию хусумат, бепарвоӣ ва ҳатто дастгирии қувваҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби баъзе олимону донишмандон ва зиёиёни асолатбохта буд.

Ҷобаҷогузории мутахассисон боз як масъалаи дигари муҳим дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ маҳсуб мешавад.

Масалан, дар Маркази омӯзиши пиряхҳо аз замони таъсисёбиаш ягон мутахассиси самти пиряхшиносӣ ба кор ҷалб нашудааст. Аксари кормандони ин муассиса ҳатто ихтисоси наздик ба ин самтро надоранд.

Аз камбудиҳои зикргардида чунин хулоса бармеояд, ки ҷобаҷогузории кадрҳо дар муассисаҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ қонеъкунанда нест ва ҳангоми пешниҳоди таъсиси ин ё он сохтори илмӣ масъалаи таъмин будани онҳо бо мутахассисони соҳа ба назар гирифта намешавад.

Аз ин лиҳоз, дастур дода мешавад, ки Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ барои ишғоли вазифаҳои илмӣ озмуни ғайринавбатӣ эълон намоянд ва қабули довталабонро бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ ба роҳ монанд.

Муовини Сарвазири мамлакат – сарпарасти соҳа ва ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа вазифадор карда мешаванд, ки ин масъаларо зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Соли 1960 бо мақсади ҳалли масъалаҳои муҳимми беморихои узвҳои ҳозима дар ҳайати Академияи илмҳои Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология таъсис дода шуда буд.

Соли 2009 дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Академияи илмҳои тиб таъсис дода шуда, пажуҳишгоҳ аз тобеияти Академияи илмҳо ба сохтори вазорати мазкур гузаронида шуд. Вале Академияи илмҳои тиб бо сабаби ноил нагардидан ба дастовардҳои назаррас соли 2020 барҳам дода, соли 2021 ба сохтори Академияи миллии илмҳо ворид карда шуд.

Имкониятҳои васеи кишвари мо дар самти рушди саноати дорусозӣ, сайёҳии табобатӣ, бахусус, пандемияи КОВИД – 19 моро бори дигар водор месозад, ки аз ҳарвақта дида, ба масъалаҳои инсон ва саломатии ӯ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоем.

Такрор ҳам шавад, хотирнишон менамоям, ки барои давлат миллати солим даркор аст ва барои миллати солим табибони баландихтисос заруранд.

Аз ин рӯ, ба Дастгоҳи иҷроияи Президент дастур дода мешавад, ки гурӯҳи кории босалоҳият таъсис дода, дар муддати се моҳ масъалаҳои вобаста ба дигарбора таъсис додани Академияи илмҳои тиббиро баррасӣ намояд ва санадҳои дахлдорро дар ин хусус ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад.

Ҳозирини арҷманд!

Рушди маърифатнокии аҳолӣ, тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷалби бештари ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон ба илмомӯзӣ, ки бунёди онро илмҳои табиӣ ва риёзӣ ташкил медиҳанд, василаи асосии пешгирӣ кардани хурофот, ифротишавӣ, зоҳирпарастии динӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ мебошад.

Бо ин мақсад мо солҳои 2020 – 2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда, дар ин замина чор санади дахлдор қабул намудем.

Дар заминаи ин иқдом аз ҷониби вазорату идораҳои масъул як қатор тадбирҳо роҳандозӣ гардидаанд, ки ба болоравии тафаккури техникии ҷавонон, ҷалби ҷомеа ба омӯзиши илмҳои табииву риёзӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ин, таъкид месозам, ки кор доир ба татбиқи самарабахши санадҳои зикршуда бояд ба таври ҷиддӣ вусъат бахшида шавад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

Дар шаҳри Душанбе «Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027» муаррифӣ гардид.

Бадбахтие талхтар аз бедӯст будан нест.

Даниел Дефо

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

ИТТИҲОДУ ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАФИЛИ

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм навсозии муҳити таълимӣ, илмиву таҳқиқотӣ дар соҳаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ ва риёзӣ идома дорад.

Вале дар баробари ин, иҷрои стратегияи мазкур ба талабот ҷавобгӯ набуда, як қатор тадбирҳои муҳим, аз ҷумла, коркарди заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсис ва рушди зерсохтори инноватсионӣ дар соҳаи маориф ва илм, ташкили сохторҳои идоракунии соҳа ва омода кардани насли нави кадрҳо бо тахассуси олӣ аз фанҳои табиӣ ва риёзӣ қонеъкунанда нест. Инчунин, нақшаи чорабиниҳои стратегияи мазкур барои солҳои минбаъда, ки бояд соли 2023 таҳия мегардид, ҳанӯз омода нашудааст.

Вазорати маориф ва илм ва Академияи миллии илмҳоро зарур аст, ки сабабҳои иҷро нагардидани корҳои банақшагирифташударо муайян намуда, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва татбиқи босифату саривақтии қарорҳои Ҳукумати мамлакат дар ин самт чораҳои мушаххас андешанд.

Мо ҷиҳати ҳавасманд намудани наврасону ҷавонон ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат»-ро таъсис додем, ки ҳамасола наврасону ҷавонони зиёде дар он иштирок карда, ғолиб меоянд.

Инчунин, барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ҷоизаи махсус таъсис дода шуд.

Натиҷаҳои озмун нишон медиҳанд, ки дар кишвар наврасону ҷавонони соҳибистеъдод хеле зиёданд, аммо аз ҷониби муассисаҳои илмӣ интихоб кардан ва минбаъд аз ҳисоби онҳо тарбия намудану омода кардани кадрҳои илмӣ қонеъкунанда нест.

Яъне, тақдири минбаъдаи ғолибони ин озмунҳо, ки аз ҷумлаи соҳибистеъдодҳои мо мебошанд, касеро аз масъулин ва олимону донишмандон ба ташвиш намеоварад.

Магар тарбия кардан ва такмил додани қобилияти чунин ҷавонон, дар навбати аввал, вазифаи олимон ва муассисаҳои илмӣ нест?

Мақсади асосии мо аз таъсиси озмун дарёфти истеъдодҳои ҷавоне мебошад, ки дар оянда роҳи илмро интихоб карда, мушкилоти кадрии ин ё он соҳаву бахшро бартараф намоянд ва дар пешрафти илму истеҳсолоти ватанӣ саҳми худро гузоранд.

Ман дар суханронихои худ борҳо таъкид карда будам, ки тарбияи насли нави бомаърифат, илмдӯст ва шоистаи замон танҳо вазифаи мактабу маориф нест, балки дар ин ҷода падару модарон, тамоми қишрҳои ҷомеа ва ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ бояд фаъолона саҳм гузоранд.

Имрӯз мо ба мутахассисони баландпоя нисбат ба ҳар вақти дигар ниёзи бештар дорем, вале на ҳамаи донишмандон дар интихоб кардану ба камол расонидани истеъдодҳои ҷавон ҳиссагузорӣ мекунанд.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки механизми тарбия намудани наврасону ҷавонони боистеъдодро на фақат тавассути озмуни «Илм – фурӯғи маърифат», балки бо роҳи ташкили дигар озмунҳо низ таҳия ва тасдиқ намояд.

Дар ин раванд, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таълими фанҳои табиӣ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар муҳлатҳои муқарраргардида ва пурраву босифат иҷро намудани барномаҳои давлатӣ, истифодаи дурусту самараноки маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои байналмилалӣ, бо ҷалби роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, соҳибкорону шахсони саховатпеша, падару модарон ва собиқ хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ таъсис додани синфхонаҳои амаливу таҷрибавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шавад.

Масъалаи таъсиси синфхонаҳои иловагӣ, муассисаҳои томактабӣ ва муҳайё кардани шароити мусоиди таълиму тарбия, сифати машғулиятҳои озмоишгоҳиву амалии фанҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ низ бояд дар мадди назари роҳбарону масъулон қарор дошта бошад.

Муовини Сарвазир, вазири маориф ва илм, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ва президенти Академияи миллии илмҳо дар ин самт масъулияти шахсӣ доранд.

Таъкид месозам, ки бинобар афзоиши аҳолӣ мо бояд дар даҳ соли минбаъда боз сохтмону таъсиси 2400 муассисаи томактабӣ, 3500 маркази инкишофи кӯдак ва 2200 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро амалӣ намоем, ки ин кор аз ҳар кадоми мо

масъулияти ҷиддиро тақозо менамояд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои амалӣ ва ихтироъкориву навоварӣ мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ»-ро қабул кардем, ки беш аз даҳ сол инҷониб амал карда истодааст.

Соли 2021 паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро аз андоз озод намуда, ба онҳо иловатан як қатор имтиёзҳо додем. Тибқи маълумот ҳоло дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ 24 парки технологӣ амал мекунад. Илова ба хеле кам будани чунин паркҳо, фаъолияти онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, аксарашон ба ном вуҷуд доранд.

Бо дарназардошти ин, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ то охири соли ҷорӣ тадбирҳои дахлдор андешанд.

Ҳамаи мо медонем, ки дар бисёр кишварҳо дар асоси таҷҳизоту молҳои воридшаванда бо мутобиқ кардани онҳо ба шароит ва талаботи дохилӣ таҷҳизоту молҳои худиро истеҳсол мекунанд ва бо ин роҳ воридотро иваз мекунанд.

Барои чӣ дар ҳамкорӣ миёни паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Академияи миллии илмҳо ва корхонаҳои саноатии кишвар истеҳсоли баъзе таҷҳизот ва молҳоеро, ки мо бо пардохти асъори хоричӣ ворид мекунем, худамон дар дохил ба роҳ монда наметавонем?

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳои истеҳсолии алоҳидаи кишвар то охири соли ҷорӣ тадбирҳои дахлдор андешанд.

Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ин масъаларо таҳти назорат гирифта, бо таъсиси комиссияи махсус самаранокии хароҷоти маблағҳои аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давоми даҳ соли охир барои паркҳои технологӣ ҷудогардидаро таҳлил карда, аз корҳои то охири сол амалишаванда натиҷагирӣ намояд.

Муҳтарам аҳли зиё!

Дар фаъолияти кормандони Академияи миллии илмҳо як қатор камбудиҳои дигар, аз ҷумла, вобаста ба мубрам будан ё набудани мавзуъҳои таҳқиқотӣ, сифати корҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастовардашуда ва аҳаммияти амалӣ, яъне, татбиқи онҳо дар истеҳсолот ҷой доранд.

Таҳлил ва омӯзиш собит сохт, ки на ҳамаи кормандони академия дар бист соли охир ба натиҷаҳои хуби илмӣ ноил шудаанд.

Баъзе маводди илмии пешниҳодгардида ба самти фаъолияти озмоишгоҳ ё шуъбае, ки корманд дар он фаъолият менамояд, ҳеҷ алоқамандӣ надорад.

Дар самти илмҳои табиӣ ва техникӣ, аз ҷумла, дар пажуҳишгоҳҳои физикаву техника ва химия баъзе олимон дар доираи мавзӯъҳое фаъолият доранд, ки барои илм ва истеҳсолоти ватанӣ аҳаммияти назариявӣ ё амалӣ надоранд ё таҳқиқоти такрорӣ мебошанд.

Як камбудии дигари аксари олимони кишвар ин аст, ки онҳо ғайр аз забони русӣ забонҳои дигари илми муосири ҷаҳониро намедонанд ва аз дастовардҳои навтарини олимони дунё сари вақт огоҳ намешаванд.

Ҳол он ки дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ донистани забонҳои асосии илми муосири ҷаҳонӣ яке аз шартҳои ба сатҳи байналмилалӣ баромадани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дастрасӣ ба дастовардҳои илмии кишварҳои пешрафта маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, аз роҳбарони муассисаҳои илмӣ талаб карда мешавад, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд.

Қобили зикр аст, ки ба шарофати кӯшишу талошҳои Ҳукумати мамлакат дар самти расидан ба ҳадафҳои миллӣ, хусусан, ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръат имрӯзҳо дар соҳаи саноати кишвар дастовардҳои назаррас дида мешаванд.

Фаъолияти «Ширкати алюминийи Тоҷик», «Ноқил ТАЛКО», таъсиси даҳҳо корхонаи истеҳсоли семент, эҳё гардидани фаъолияти корхонаи «Тоҷик Азот», бунёди Маркази барқу гармидиҳӣ, корхонаҳои хурду бузурги коркарди пахта ва истеҳсоли маводи ғизоӣ ин матлабро тасдиқ менамояд.

Вале бояд гуфт, ки дар таркиби саноати Тоҷикистон истеҳсолоти химиявӣ, металлургия, саноати сабук, хӯрокворӣ коркарди маъдан ва металлҳои қиматбаҳо дар мадди аввал қарор дорад, ки аз олимону донишмандони мо коркардҳои мушаххасу фоидаовари илмӣ, омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва муҳандисиву коргариро тақозо менамояд.

Бо мақсади таъмин намудани ин корхонаҳо бо мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ, инчунин, рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, маъдан ва геология ба Вазорати маориф ва илм дастур дода мешавад, ки ба масъалаи таъсиси факултети технологияи химиявӣ ва металлургия дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон чораҷӯӣ намояд.

Ҳамчунин, ба ҷалби ҷавонон ба омӯзиши ихтисосҳои барои рушди минбаъдаи саноати кишвар, аз ҷумла, саноати сабуку хӯрокворӣ муҳим ва ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сатҳи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Масъалаи татбиқи корҳои илмии анҷомёфта, истифодаи онҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакат ва ҷалби соҳибкорон ба истифодаи натиҷаи корҳои илмӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии кормандони соҳаи илми мамлакат механизми татбиқи натиҷаҳои коркардшудаи рисолаҳои илмиро дарёфт ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат равона созанд.

Мо Комиссияи олии аттестатсионии миллии худро таъсис додем, то ки мушкилоти ҳимояи корҳои илмӣ ва тайёр намудани кадрҳои илмиро бартараф намоем ва имконият фароҳам оварем, ки муҳаққиқони мо имкони ҳимояи диссертатсияҳои худро дар кишварамон дошта бошанд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сифати корҳои илмӣ, аз ҷумла, диссертатсияҳо хеле нигаронкунанда мебошад.

Яке аз сабабҳои паст гардидани сатҳу сифати корҳои илмӣ хунукназарии шуроҳои диссертатсионии амалкунанда, муассисаҳои пешбари таҳриздиҳанда ва муқарризони расмӣ ба масъалаи арзёбии диссертатсияҳои ҳимояшаванда мебошад.

Дар баробари ин, дониши тахассусии баъзе довталабоне, ки рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро тибқи низоми докторантура аз рӯйи ихтисос ҳимоя мекунанд, ҷавобгӯи талабот ва дараҷаи илмии дарёфтшаванда нест.

Ҳамчунин, баъзан ба чашм мерасад, ки кори илмии ба талабот ҷавобгӯй набуда, ки барои ҳимоя дар як шурои илмӣ иҷозат дода нашудааст, дар кӯтоҳтарин фурсат дар шурои диссертатсионии дигар ҳимоя мешавад.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ба роҳбарияти Комиссияи олии аттес-

(Давомаш дар саҳ. 5)

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон намоиши маҳсулот ва ярмаркаи ҷойи кор барои хатмкунандагон баргузор шуд.

ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ МОСТ

(Аввалаш дар саҳ. 4)

татсионӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар муассисаҳои илмии кишвар, ки дар назди онҳо шуроҳои диссертатсионӣ таъсис дода шудааанд, дастур дода мешавад, ки фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Моҳи марти соли 2020 ман дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат таъкид карда будам, ки вақтҳои охир довталабони дарачаҳои илмӣ ҳангоми таълифи диссертатсияҳо ба камбудиҳои ҷиддӣ ва ҳатто плагиат (асардуздӣ) роҳ медиҳанд.

Шумо хабар доред, ки шумораи зиёди рисолаҳои илмии олимони даст ба асардуздизадаи тоҷик аз ҷониби шабакаи «Диссернет» фош карда шудааст. Вале аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ барои ислоҳи вазъ ва пешгирии чунин амалҳои номатлуб чораҳои муассир андешида намешаванд. Баръакс, ҳолатҳои ҳимоя намудани олимони асардузд ва рӯйпӯш кардани кирдори онҳо ҷой доранд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент гузориш таҳти унвони «Оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳимояи шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар ва зарурати интихоби мавзуи рисолаи илмӣ» пешниҳод гардид, ки дар он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи шурои диссертатсионӣ дархост шудааст.

Аммо аз тарафи комиссияи мазкур беасос будани хулосаҳои пешниҳоднамудаи шабакаи «Диссернет» оид ба асардуздии муаллифони рисолаҳои илмӣ исбот нашудааст ва дар ин хусус ягон далел пешниҳод нагардидааст.

То имрӯз аз ҷониби «Диссернет» 150 нафар олимони тоҷик (номзадҳо ва докторҳои илм) зимни таҳияи рисолаҳои илмӣ ба асардуздӣ гунаҳкор дониста шудааанд.

Дипломи 7 нафари онҳо бо пешниҳоди «Диссернет» аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия беэътибор эълон гардидааст.

Боиси нигаронист, ки як қисми унвонҷӯён рисолаи илмии номзадиро худашон наменависанд ва ҳатто моҳияти онро дарк намекунанд.

Ҳимояи рисолаҳо тибқи сенарияи пешакӣ сурат мегирад, ки аз фаъолияти сохтакоронаи шуроҳои ҳимоя гувоҳӣ медиҳад.

Оё шумо – роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва олимону донишмандон тасаввур мекунед, ки чунин вазъият ба обрӯи миллати тоҷик ва илми тоҷик чӣ қадар зарба мезанад?

Вақте мо ҳамеша мегӯем, ки гузаштагони мо ҳанӯз дар асрҳои миёна поягузорони шохаҳои гуногуни илм буданд, оё чунин рафтор ба шаъни мо нангу шармовар нест?

Ҳозирини арҷманд!

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми кишвар муайян намудани самтҳои авлавиятдоштаи он мебошад.

Бо ин мақсад мо бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат чор маротиба – барои солҳои 2007 – 2009, 2010 – 2012, 2015 – 2020 ва 2020 – 2025 «Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намудем.

Соли 2020 дар вохӯрӣ бо олимони кишвар таъкид карда будам, ки самту равияҳои авлавиятдошта бояд, пеш аз ҳама, ба навсозиву ислоҳоти иқтисоди миллӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегӣ – таъмини истиқлоли энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат равона карда шаванд.

Дар баробари ин, зарурати таъмин кардани пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони муосир, хусусан, дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим натиҷаҳои самарабахши илмиро дар самтҳои ташаккули «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ», ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ талаб менамояд.

Аз ҷумла, саҳми олимони ватанӣ дар татбиқи Стратегияи рушди «зеҳни сунъӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва тибқи он то ба 5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани даромад дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои «зеҳни сунъӣ» хеле зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи номгӯйи самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки он ҳанӯз пешрафти илми ватаниро бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ таъмин карда наметавонад ва бозбинии ҷиддиро тақозо менамояд.

Дар санадҳои қаблан қабулгардида самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ аз 65 то 110 номгӯйро дар бар гирифта, қисми зиёди онҳо бо мазмун ва ҳадафи худ наметавонанд дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи кишвар дар марҳалаи рушд нақши калидӣ ё муассир дошта бошанд.

Бо вуҷуди ин ки таҳқиқоти илмии самтҳои ғайригуманитарӣ қариб 75 фоизи ҳамаи таҳқиқоти амалишуда ва амалишавандаро дар давоми даҳ соли охир ташкил медиҳад, пешбинӣ намудани чунин шумораи бузурги самтҳои авлавиятдошта иҷрои сифатноки онҳоро ғайриимкон мегардонад.

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда мешаванд, ки номгӯйи самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмиро аз нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Бо мақсади густариши таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди устувор, «иқтисоди сабз» ва сайёҳиву соҳибкорӣ бо қарори Ҳукумати мамлакат дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пажуҳишгоҳҳои илмиву таҳқиқотии «Иқтисоди сабз» ва «Сайёҳӣ ва соҳибкорӣ» таъсис дода шуданд.

Сохторҳои зикршуда вазифадоранд, ки бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ фаъолияти худро таҳвият бахшида, дар доираи маркази татбиқи лоиҳа, ки дар назди донишгоҳ амал мекунад, оид ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва пайванди илм бо истеҳсолот чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, нашри мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ зиёд карда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун «кишвари сабз» бештар ва ҳадафмандона муаррифӣ намоянд.

Фаъолияти илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои дигари муҳим дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ маҳсуб мешавад.

Дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ раёсату шуъбаҳои омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогӣ амал менамоянд.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки фаъолияти раёсату шуъбаҳои мазкурро бозбинӣ намуда, ҷиҳати таҳвият бахшидани кор дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беш аз 12 ҳазор нафар омӯзгор фаъолият менамояд, ки зиёда аз 5 ҳазору 500 нафар, яъне, қариб 45 фоизи онҳо дорои дарачаҳои илмӣ мебошанд.

Устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешсаф ғайр аз фаъолияти таълимӣ барои пешрафти илми мамлакат низ саҳми худро мегузоранд.

Яке аз авлавиятҳои илми донишгоҳӣ дар он аст, ки омӯзгор ба ҳайси муҳаққиқ барои дар амалияи таълимӣ татбиқ гардидани коркардҳои назариявӣ ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи худ имкони бештар дорад.

Яъне ӯ метавонад дар радифи донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳи шогирдони худро ба дониши амалӣ ҷалб намояд.

Аммо тибқи таҳлилҳо талаботи имрӯзаи соҳаи маориф ва сарбории вазнини таълимии омӯзгорон имкон намедиҳад, ки онҳо ба фаъолияти самараноки илмӣ машғул шаванд.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати роҳандозӣ намудани таносуби дурусту босамари сарбории таълимӣ ва илмии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҳои иловагӣ андешад.

Ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ кам ҷалб гардидани ҷавонони лаёқатманду забондон, рушд накардани мактабҳои илмии олимони собиқадор ва ҳавасмандии нокифояи аспирантҳову докторантҳо, хусусан, дар самти илмҳои табиӣ ва риёзӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосии омода кардани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад.

Вазорати маориф ва илм бояд ба рушди илми донишгоҳӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, барои ҷалбу ҳавасманд гардонидани олимони ҷавон, ташаккули мактабҳои илмӣ ва дастгирии олимони соҳаҳои табиӣ ва риёзӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Баланд бардоштани мақоми илми донишгоҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ яке аз масъалаҳои дигари рушди илм дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки фаъолияти худро ҷиҳати такмили пойгоҳи илмиву таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар самти рушди илм ҷоннок карда, барои ворид шудани муассисаҳо ба рейтингҳои байналмилалӣ чораҳои муассир андешад.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент дастур дода мешавад, ки бори дигар масъалаи таҳвият бахшидани фаъолияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва ҷалби кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи ин муассисаро таҳлилу баррасӣ карда, бахусус, барои такмили механизмҳои назоратии ин муассиса чораҳои судмандро роҳандозӣ намояд.

Ҳозирини мухтарам!

Истифодаи самарабахши натиҷаҳои илми бунёдӣ ва амалӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори ҳар як давлат мебошад.

Бо мақсади суръат бахшидан ба рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии кишвар мо соли 2021 Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030-ро қабул намудем.

Вале бояд гуфт, ки татбиқи ҳадафҳои пешбининамудаи стратегияи мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва дар ин самт мушкилоту камбудиҳои зиёд ҷой доранд.

Қисми зиёди ҳадафҳои пешбининамудаи стратегия дар муҳлатҳои муайяншуда амалӣ нагардидааст.

Масалан, нақшаи чорабиниҳои стратегияи мазкур аз 122 банд иборат буда, ҳадафҳои барои солҳои 2021 – 2023 пешбинигардида аз рӯйи 50 банди он иҷро нашудааанд.

Татбиқи сифатноку самарабахши стратегия метавонад рушди инноватсионии кишвар ва пайванди илм бо истеҳсолотро густариш бахшида, коркардҳои нави технологиро ба вуҷуд оварад.

Бо ин мақсад вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро гардидани санади мазкурро таъмин намоянд.

Масъалаи дигаре, ки мехоҳам махсус хотирнишон созам, мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ, риояи принсипҳои дунявият, асосҳои сохти конституционӣ, таҳкими минбаъдаи сулҳу вахдати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ анҷом додани корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таълифи асарҳои илмӣ мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки барои мо меъёрҳои муқарраркардаи Конституцияи ва арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ ҳамеша афзалият доранд.

Олимону зиёиёни мо ҳамчун неруи огоҳу пешсафи ҷомеа бояд дар корҳои илмӣ ва эҷодиёти худ ба ин меъёру арзишҳо таваҷҷуҳ ва эҳтироми хосса зоҳир карда, аз бегонапарастиву тарғиби ғояҳои носолим қатъиян худдорӣ кунанд.

Дар низоми илму маорифи кишвар ду ниҳоди муҳим – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф фаъолият мекунанд, ки таҳқиқи илмии масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати таҳсилот ба зим-

(Давомаш дар саҳ. 6)

Дар ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров ғолибони даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» муайян гардиданд.

Дӯст бояд камбуди дӯстро сабр кунад.
Шекспир

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

ИТТИҲОДУ ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАФИЛИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ МОСТ

(Аввалаш дар саҳ. 5)

маи онҳо гузошта шудааст.

Таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир, таҳлили нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатӣ, мониторинги сифати таълим ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ вазифаи асосии олимони муассисаҳои илмии зикршуда мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки фаъолияти ин муассисаҳои илмӣ чандон самарабахш нест.

Яке аз масъалаҳои ҳалталабе, ки солҳои зиёд дар назди ин муассисаҳо қарор дорад, таълифи китобҳои дарсии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад.

Сифати таҳсилот асосан ба сатҳу сифати китоби дарсӣ, маводи таълимӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор вобаста мебошад, ки ин масъалаҳо ҳанӯз беҳбудии ҷиддӣ мехоҳанд.

Зарур аст, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилот ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва китобҳои дарсӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар ин росто, ба инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷомеашиносиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табииву риёзӣ ва ташаккули зеҳни фаъоли хонандагону донишҷӯён бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ба масъалаи забономӯзӣ, касбомӯзӣ ва мутобиқ ба бозори меҳнати дохиливу берунӣ омода кардани ҷавонону калонсолоне, ки дар муассисаҳои зертобеи онҳо таҳсил мекунанд, чораҷӯӣ намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар даҳ соли охир ба муассисаҳои илмии кишвар барои амалисозии 3354 лоиҳаи фармоишии илмиву таҳқиқотӣ зиёда аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар вохӯрӣ бо олимони кишвар соли 2020 мақомоти дахлдор вазифадор гардида буданд, ки тавассути механизми нави маблағгузорӣ дар интихоби мавзуъҳо ва лоиҳаҳои фармоишӣ ба илмҳои барои кишвар зарурӣ афзалият дода шавад.

Дар ин замина, Қарори Ҳукумати мамлакат «Дар бораи қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ гардид, ки тартиби ташкил ва баргузории озмуни лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии заминавӣ, грантӣ ва барномавии мақсаднокро танзим менамояд.

Вале дар ин самт ҳанӯз мушкилоти зиёд ҷой дошта, танҳо лоиҳаҳои фармоишии заминавӣ маблағгузорӣ шуда истодаанд ва лоиҳаҳои грантӣ ва барномавии мақсаднок то ҳол оғоз нашудаанд.

Бинобар ин, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳоро зарур аст, ки ҷиҳати пешбинӣ ва ҷудо намудани маблағҳои муайян барои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъмини амнияти кишвар нигаронидашуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мо барои аз ҳолати таназзул раҳо намудани илмҳои бунёдӣ ҳанӯз соли 1996 Фонди президентии таҳқиқоти бунёдиро таъсис додем.

Дар он рӯзҳо ҳоло ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва Созишномаи истиқрори сулҳ имзо нашуда буд.

Таҳлили вазъи иҷрои корҳои таҳқиқотӣ дар ин самт собит менамояд, ки бо вуҷуди таъсиси фонд ва дигар кумаку дастгириҳои Ҳукумати мамлакат вазъи илмҳои бунёдӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Камбудии ҷиддӣ, пеш аз ҳама, ба самтҳои авлавиятдоштаи фаъолияти илмиву таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ мувофиқ набудани мавзуи лоиҳаҳо дахл дорад, ки дар аксари онҳо зарурат, яъне, муҳимму мубрам будани онҳо, навгонии илмӣ, фарогирии масъалаҳои илмӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар истеҳсолот дида намешавад.

Сифат ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот аз назари иҷрокунандагон дур монда, онҳо то имрӯз натавонистанд, ки бо кашфиёту навовариҳо ба пешрафти илми ватанӣ мусоидат намоянд ва ба рушди самтҳои дигари илм роҳ кушоянд.

Таъкид бояд кард, ки қисми зиёди лоиҳаҳои илмӣ дар асоси рисолаҳои номзадӣ ё доктории қаблан ҳимояшудаи роҳбарони лоиҳаҳо таҳия ва пешниҳод карда мешаванд.

Роҳбарони баъзе лоиҳаҳо рисола омода карда, онро ҳимоя мекунанду дараҷаи илмӣ мегиранд ва ҳам номи рисоларо каме тағйир дода, ҳамчун лоиҳаи илмии таҳқиқотӣ пешниҳод менамоянд.

Бинобар ин, масъалаи дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани таҳқиқоти бунёдиву лоиҳаҳои илмӣ дар муассисаҳои академӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар бағоят муҳимму мубрам маҳсуб мешавад.

Зарур аст, ки вазъи татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ давра ба давра арзёбӣ гардида, натиҷаҳои илмии бадастомада ба таври мушаххас ба Президенти мамлакат пешниҳод гарданд.

Илова бар ин, дар ҳисоботи даврӣ ва солонаи Академияи миллии илмҳо натиҷаҳои фаъолияти фонди мазкур ва татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотии он алоҳида мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Дар шароити кунунӣ ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба қисми таркибии амнияти миллӣ табдил ёфта, барои таъмини он истифодаи роҳу василаҳои илмиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ин масъала яке аз вазифаҳои асосии Академияи илмҳои кишоварзӣ мебошад.

Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор аст, ки барои ноил гардидан ба пешравӣ дар ҳамаи бахшҳои кишоварзӣ ва татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – ҳифзи амнияти озуқаворӣ ҳамаҷониба мусоидат намояд.

Муҳтарам олимону донишмандон!
Кормандони соҳаи маорифи мамлакат!
Ҳозирини арҷманд!

Вазъи кунунии ҷаҳон ҳар яки моро водор месозад, ки дар кишварамон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам мустаҳкам гардонем ва манфиатҳои миллии худро аз таъсири пайомадҳои манфии равандҳои ҷаҳони муосир ҳифз намоем.

Ҳифзи ҷомеаи кишвар аз таъсири зуҳуроти манфии ҷаҳони муосир, аз ҷумла, фарҳангу маънавиёти бегона, дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, таърих, суннату анъанаҳо, расму оинҳо ва либоси миллӣ тарбия кардани наслҳои наврасу ҷавон қарз ва вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ба шумор меравад.

Дар ин раванд, ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ ва густариши тафаккури илмӣ миёни онҳо, инчунин, фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ дар ин самт вазифаи муқаддаси зиёиёни кишвар ва дар навбати аввал, кормандони соҳаи илму маориф мебошад.

Зеро бори дигар хотиррасон месозам, ки дар замони мо, яъне, давраи шиддати рӯзафзуни рақобату мухолифатҳо танҳо давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки миллати босаводу огоҳ, низоми пешрафтаи илмиву инноватсионӣ ва олимону навоварони донишманд дошта бошанд.

Мо дар ин ҷода, ба хотири он, ки ҷавонону наврасон ва умуман, шаҳрвандони худро дар руҳияи гиромидошт ва омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбияву раҳнамоӣ кунем, бо истифода аз тамоми имкониятҳо шароити заруриро муҳайё карда истодаем.

Фаромӯш набояд кард, ки яке аз омилҳои асосии хурофотпарастӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ сатҳи пасти маърифатнокӣ ва тафаккури илмӣ дар ҷомеа мебошад.

Маҳз илму маориф асоси пешрафти давлат ва раҳои ҷомеа аз ҳама бадбахтиҳо, аз ҷумла, ифротишавӣ, хурофотпарастӣ ва ҷаҳолат аст.

Бовар дорам, ки олимони мо чун ҳамеша рисолати худро дар назди миллату давлат бо садоқати баланди ватандорӣ иҷро намуда, дар ҳифзи дастовардҳои истиқлол, муқаддасоти миллӣ, таҳкими хотираи таърихиву фарҳангии миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Мехоҳам бори дигар хотирнишон намоям, ки имрӯз вазъи соҳаи илми кишвар ислоҳоти ҷиддиро тақозо мекунад ва мо ба қудрати созандаи олимони мамлакат эътимоди комил дорем, ки онҳо камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, пешрафти илмиву инноватсионии Ватани азизамонро таъмин месозанд.

Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни вазъи геосиёсии ҷаҳони имрӯза мо набояд нисбат ба тақдири миллату давлат ва ҳар як шаҳрванди кишвар бетараф бошем.

Ман ба мардуми шарифи Тоҷикистон, бахусус, ҷавонони бонангу номуси он такроран муроҷиат карда, иброз медорам, ки мо ҳаргиз набояд ба умеди дигарон бошем.

Мо бояд ҳамеша ба имконоту неруи худ такя кунем, Ватани биҳиштосоямонро сидқан дӯст дорем, заҳмат кашем, кишвари маҳбубамонро бо дастони хеш ва бо неруи зеҳнии худамон боз ҳам обод кунем, ба якдигар ғамхору меҳрубон бошем, ҳамдигарро дар лаҳзаҳои душвору вазнин дастгирӣ намоем.

Ба миллати тоҷдорамон, ба давлати соҳибистиқлоламон ҳамеша содиқ бошем, доим дар хотир дошта бошем, ки миллати тоҷик ба туфайли забону фарҳанг, илму дониш ва маърифати баланди хеш дар мураккабтарин давраҳои таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз байн нарафт, зинда монд ва минбаъд низ зиндаву ҷовидон хоҳад монд.

Мо бояд дилпур бошем, ки ояндаи давлати тоҷикон дурахшон аст.

Мо истиқлолу озодиро, ки неъмати бузургтарину муқаддастарини зиндагиамон мебошад, ба ягон чиз ва ҳаргиз иваз намекунем.

Борҳо таъкид кардаам ва такроран таъкид менамоям, ки мо бояд илму дониш омӯзем, забонҳои хориҷиро аз худ кунем, шогирд тарбия намоем, наврасону ҷавононамонро соҳибмаърифат ва соҳибкасбу соҳибҳунар гардонем, ки онҳо дар оянда муҳтоҷи дигарон нашаванд.

Имрӯз замоне расидааст, ки мо бояд беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошем, давлатдории миллии худ ва манфиатҳои давлату миллатамонро ҳимоя намоем, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро ҳамчун пояи устувори давлати озоду соҳибихтиёрамон эҳтиёт ва ҳифз кунем.

Ҳар яки мо бояд шукрона кунем, ки соҳиби Ватани озод ва давлати соҳибистиқлол ҳастем ва Тоҷикистони азизи моро, ки дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ баробари тамоми кишварҳои мутамаддину пешрафта як овоз дорад, имрӯз дар дунё на танҳо мешиносанд, балки ташаббусҳои онро ба хотири ҳалли мушкилоти сайёра ҷонибдорӣ ва эътироф мекунанд.

Мо бояд ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем ва ҳаргиз фаромӯш накунем, ки кафили ояндаи дурахшони давлату миллати мо иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллии мо мебошад.

Бовар дорам, ки шумо – олимону донишмандон ва омӯзгорону зиёиёни муҳтарам – бо таҳқиқоти арзишманди илмии худ ва мавқеи созандаатон дар рушду пешрафти давлат саҳми бештар мегузоред ва минбаъд низ рисолати ватандории худро бо садоқат ба Тоҷикистони маҳбуб ва мардуми шарафманди он иҷро менамоед.

Саломат бошед!

Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 69-уми Шурои роҳбарони мақомоти омори давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир шуд.

Мэҳ; мэҳ кардан; мэҳ гузоштан; ба мэҳ расидан	ҳалқаи; ҳалқагузорӣ; ҳалқагузорӣ кардан; ба ҳалқагузорӣ расидан	*ring [rɪŋ]; to ring [tu rɪŋ]; to be ringed [tu bi: rɪŋd]*
Мэҳ; мэҳ кардан; мэҳ расидан	ҳалқа

Маош	заработная плата	*salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]*
Мардум	люди	*people [ˈpiːp(ə)l]*
Маҷлис	собрание, совещание	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Меҳмон	гость	*guest [gest]*
Меҳмонхона	гостиная, гостиница	*living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtel]*
Меҳнат	труд, работа	*labour [ˈleɪbə],work [wɜːk]*
Милат	нация, национа-лость	*nation [ˈneɪ(ə)n], nationality [neɪʃəˈnælɪtɪ]*
Минтақа	местность, регион	*area [ˈeərɪə], region [ˈriːdʒ(ə)n]*
Молдаҳлон	бабушка	*grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]*
Мулоқот, ворӯҳӣ	встреча	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Муошират	общение, коммуникация	*communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]*

Н

Набера	внук, внучка	*grandchild [ˈgræn(d)ʃaɪld]*
Нав	новый	*new [njuː]*
Навбатдор	дежурный	*duty [ˈdjuːtɪ]*
Намак	соль	*salt [sɔːlt]*
Нарх	цена	*price [praɪs], cost [kɒst]*
Насаб	фамилия	*surname [ˈsɜːneɪm]*
Нафар	человек, персона	*person [ˈpɜːsn]*
Нашр	публикация	*publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]*
Нигох доштан	хранить, удерживать	*to keep [kiːp], to hold [həʊld]*
Нишастан	сидеть	*to sit [sɪt]*
Нишонӣ	адрес	*address [əˈdres]*
Нодурӯст	неправильный	*false [fɔːls], incorrect [ɪnkəˈrekt]*
Нӯшидан	пить	*to drink [drɪŋk]*
Нотарс	храбрый	*brave [breɪv]*
Намояндa	представитель	*representative [reprɪˈzentətɪv]*

О

Об	вода	*water [ˈwɔːtə]*
Обу ҳаво	погода	*weather [ˈweðə]*
Овоз	голос	*sound [saʊnd], noise [nɔɪz]*
Оғоз	начало	*beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [stɑːt]*
Одам	человек	*man [mæn], person [ˈpɜːsn]*
Одат	привычка	*custom [ˈkʌstəm]*
Одоб	воспитанность	*courtesy [ˈkɜːtəsɪ]*

Маош	заработная плата	*salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]*
Мардум	люди	*people [ˈpiːp(ə)l]*
Маҷлис	собрание, совещание	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Меҳмон	гость	*guest [gest]*
Меҳмонхона	гостиная, гостиница	*living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtel]*
Меҳнат	труд, работа	*labour [ˈleɪbə],work [wɜːk]*
Милат	нация, национа-лость	*nation [ˈneɪ(ə)n], nationality [neɪʃəˈnælɪtɪ]*
Минтақа	местность, регион	*area [ˈeərɪə], region [ˈriːdʒ(ə)n]*
Молдаҳлон	бабушка	*grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]*
Мулоқот, ворӯҳӣ	встреча	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Муошират	общение, коммуникация	*communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]*

Н

Нафақа	пенсия	*pension [ˈpenʃn]*
Нафақахӯр	пенсионер	*pensioner [ˈpenʃənə]*
Нафрат	ненависть	*hatred [ˈheɪtrɪd]*
Нафрат кардан	ненавидеть	*to hate [tu heɪt]*
Нафрат	отдых	*rest [rest], relaxation [ˌriːlækˈseɪʃn]*
Нафрат кардан	отдыхать	*to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];*
Истироҳатгоҳ	место для отдыха или развлечений	*place to rest or relax [pleɪs tu rest ɔː rɪˈlæks]*
Нитоат	послушание, подчинение	*obedience [əˈbiːdɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]*
Иттилоотӣ	информаци-онный	*Informational [ɪnfərˈmeɪʃənl]*
Ихтисос	специальность	*speciality [ˌspeʃɪˈælɪtɪ]*
Иҷро кардан	исполнять, выполнять	*to execute [tu ˈeksɪkjuːt], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪəʊt]*
Иҷозатномаи сафар, рамзиҷ	разрешение на выезд, виза	*visa [ˈviːzə]*
Иҷозат додан	разрешать	*to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt]:*
Иҷозат, ҳуқуқдиҳӣ	разрешение, спросить	*permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn]:*
Иллиос	пожалуйста	*please [pliːz]*

Хак	истина, правда	*right [raɪt], privilege [ˈprɪvɪlɪdʒ]*
Ҳаққи хизмат	заработная плата, оклад	*wages [weɪdʒ]*
Ҳақиқат	правда	*truth[truːθ], reality [rɪˈælɪtɪ]* true *[tru]*
Ҳама	весь, вся, всё	*all[ɔːl], everyone[ˈevrɪwʌn], everything [ˈevrɪθɪŋ]*
Ҳамкор	коллега, сотрудник	*colleague [ˈkɔliːg], coworker [ˈkəʊˈwɜːkə]*
Ҳамкорӣ	сотрудничество	*cooperation [kəʊˌɒpəˈreɪʃn]*
Ҳамоҳангсоз	координатор	*co-ordinator [kəʊˈɔːdɪneɪtə]*
Ҳамроҳ	вместе, спутник	*together[təˈgeðə], travelling companion [ˈtrævə(ə)lɪŋkəmˈpænɪən]*

Ҷ

Ҷӯб	палка, древесина	*wood[wʊd]*
Ҷӯпон	пастух	*shepherd [ˈʃepəd]*
Чутка	щётка	*brush [brʌʃ]*
Чӯҷа	цыплёнок	*chick [ʧɪk]*

Ҷ

Ҷавоб	ответ	*answer [ˈɑːnsə]*
Ҷавон	молодой	*young [jʌŋ]*
Ҷавонӣ	молодость	*youth [juθ]*
Ҷадвал	линейка	*ruler [ˈruːlər]*
Ҷамъ	совокупность, сумма, итог	*total [ˈtəʊtl]*
Ҷамъият	общество	*society [səˈsaɪətɪ]*
Ҷанг	война	*war [wɔː]*
Ҷануб	юг	*South [saʊθ]*
Ҷонишин	заместитель директора	*deputy director [ˈdepjʊtɪ d(a)ɪˈrektə]*
Ҷонибдор	сторонник	*supporter [səˈpɔːtə]*
Ҷорӣ	текущий	*folowing [ˈfɔləʊɪŋ]*
Ҷорӯб	веник	*broom [bruː(ˈ)m]*
Ҷумҳурӣ	республика	*republic [rɪˈpʌblɪk]*
Ҷуворӣ	кукуруза	*corn [kɔːn]*
Ҷумъа	пятница	*Friday [ˈfraɪdɪ]*

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.

РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавқу рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон такозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

А

Точикӣ	РУСӢ	АНГЛИСӢ (овонавишт)
Адабиёт	литература	*literature [ˈlɪt(ə)rətʃə]*
Адад	число	*number [ˈnʌmbə]*
Адолат	справедливость	*justice [ˈʤʌstɪs]*
Азиз	уважаемый	*dear [dɪə], precious [ˈpreʃəs], esteemed [ɪˈsti:md]*
Ақл	ум, разум	*intelligence [ɪnˈtelɪʤ(ə)ns], intellect mind [ˈɪntɪlekt maɪnd]*
Алов (оташ)	огонь	*fire [ˈfaɪə]*
Алаф	трава	*grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder [ˈfɔdə]*
Аскар	солдат	*soldier [ˈsəʊlʤə]*
Атроф	вокруг	*around [əˈraʊnd]*
Афсона	сказка	*fairy-tale [ˈfe(ə)rɪteɪl], story [ˈstɔ:rɪ], tale [teɪl]*
Ахбор	новость	*news [nju:z]*
Ахлоқ	мораль	*morals [ˈmɔrəlz]*
Аҳолӣ	население	*population [ˈpɔpjuˈleɪʃ(ə)n]*
Аломат	знак	*sign [saɪn], mark [ma:k], omen, [ˈəʊmən]*
Амният	безопасность	*security [sɪˈkju(ə)rɪtɪ]*
Анъана	традиция	*tradition [trəˈdɪʃn]*

Б

Бад	плохой	*bad [bæd]*
Бадан	тело	*body [ˈbɔdɪ]*
Баён	выражение мыслей	*expression of thoughts [ɪkˈspreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]*
Базм, тӯй	вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д.	*party [ˈpa:rtɪ], public reception associated with weddings [ˈpʌblɪk rɪˈsepʃ(ə)n əˈsəʊʃɪeɪtɪd wɪð ˈwedɪŋz]*
Байналмилалӣ	международный	*international [ˈɪntəˈnæʃ(ə)nəl]*
Байнишахрӣ	междугородний	*between cities [bɪˈtwi:n ˈsɪtɪz]*
Баромадан	подняться	*to rise [raɪz]*
Баромадгоҳ	выход	*exit [ˈegzɪt]*
Барф	снег	*snow [snəu]*
Бахт	счастье	*happiness [ˈhæpɪnəs]*
Бахшидан	простить	*to forgive[tu: fəˈgɪv], let off [ˈlet ˈɒf]*
Баҳор	весна	*spring [sprɪŋ]*

Феъл	глагол	*verb [vɜ:b]*
Фикр	мысль, мнение	*think [ˈθɪŋk], opinion [əˈpɪnjən]*
Фурудгоҳ	аэропорт	*airport [ˈeəpɔ:t]*
Фурӯш	продажа	*sale [seɪl]*
Фурӯшгоҳ	магазин	*department store[dɪˈpa:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]*
Фурӯхтан	продавать	*to sell[tu sel]*

Х

Хабар	весть, новость	*information[ˈɪnfəˈmeɪʃ(ə)n], news [nju:z]*
Халқ	народ	*people[ˈpi:p(ə)l]*
Харидан	купить	*to buy [tu:baɪ]*
Харита	карта	*map[mæp]*
Хатм	окончание	*graduation [ˈgrædʒuˈeɪʃ(ə)n]*
Хатм кардан	окончить	*to graduate [tu ˈgrædʒʊeɪt]*
Хестан	вставать, подниматься	*to get up [tu get ʌp], to stand up[tustænd ʌp]*
Хизмат	служба, услуга	*service [ˈsɜ:vɪs]*
Хоб	сон	*dream [dri:m] sleep[sli:p]*
Хомӯш	тихий	*silent[ˈsaɪlənt]*
Хона	дом	*house[haus], home [həum], apartment [əˈpa:tmənt], room [ru(:)m]*
Хондан (хон)	читать, учиться, молиться	*to read[tu: ri:d], to study [tu: [ˈstʌdɪ]; to pray [tu:preɪ]*
Хотира	память	*memory [ˈmem(ə)rɪ]*
Хоҳар	сестра	*sister [ˈsɪstə]*
Хунук	холод	*cold [kəuld]*
Хуш омадед	добро пожаловать	*welcome [ˈwelkəm]*

Ҳ

Ҳавз	пруд, водоём, бассейн	*pond [pɔnd],pool [pu:l], swimming pool[ˈswɪmɪŋpu:l]*
Ҳавлӣ	двор	*house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]*
Ҳаво	погода, воздух	*weather[ˈweðə], air[eə]*
Ҳавопаймо	самолёт	*aeroplane [ˈe(ə)rəplem]*
Ҳайвон	животное	*animal [ˈænɪm(ə)l]*
Ҳайкал	памятник, статуя	*monument [ˈma:njʊmənt], statue[ˈstæʧu:]*
Ҳайрат	недоумение, удивление, изумление	*Perplexity [pəˈpleksɪtɪ]; amazement [əˈmeɪzmənt], astonishment [əˈstɔnɪʃmənt], surprise [səˈpraɪz]*

		[ˈtrendɪ]
Ҷуҳтар	девочка	*girl[gɜ:l]*
Ҷуҳт, рафиқ	друг, товарищ	*friend[frend]*

Ё

Ёд гирифтан	научиться	*to learn [tu lɜ:n]*
Ёдгории меъморӣ	памятник архитектуры	*a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt ɒv ˈa:kɪˈtekʧə]*
Ёд доштан, ба ёд омадан	вспомнить	*to remember [tuɪˈmembə]*
Ёзлах	одиннадцать	*eleven [ɪˈlev(ə)n]*
Ёрдам	помощь	*help, [help] assistance [əˈsɪst(ə)ns]*
Ёриҳиҳанда	вспомогательный	*auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]*
Ёрдам кардан	помогать	*to help [tu help]*
Ёрдамчӣ	помощник	*assistant[əˈsɪst(ə)nt]*
Ёрии тез ҳолӣ	скорая помощь	*ambulance [ˈæmbjʊl (ə)ns],emergency assistance [ɪˈmɜ:ʤ (ə)nsɪ] [əˈsɪst(ə)ns]*
Ёсуман	жасмин	*jasmine [ˈʤæzmɪn]*
Ёфтан	найти	*to find [tu fɑɪnd]*

Ж

Жола	грай	*hail [heɪl]*
Жола бориданӣ	выпадение грая	*hail fallout [heɪl ˈfɔ:lɑʊt] it is halloɡ*
Журнал	журнал	*magazine [mɑɡəˈzen] journal[ˈdʒɜ:n(ə)l]*

З

Забон	язык	*language, [ˈleɪŋɡwɪʤ] tongue [tʌŋ]*
Забони давлатӣ	государственный язык	*state language [steɪt ˈleɪŋɡwɪʤ], official language [əˈfɪʃ(ə)l ˈleɪŋɡwɪʤ]*
Задан (зан)	бить, ударить	*to hit [tu hɪt], to strike [tu strɑɪk]*
Замин	земля, вселенная	*soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ɡroundɪ [ɡraʊnd], land [lend]*
Замон	время, период, эпоха	*time [tɑɪm], period, [ˈpɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]*
Замонавӣ	современный	*modern[mɔdn]*
Зан	жена, женщина	*wife [wɑɪf], womɑn [ˈwʊmən]*
Занона	по-женски, женский	*female [ˈfɪ:meɪl], feminine*

Озмун	конкурс	*competition [ˌkɑ:mpəˈtɪʃn]*
Озодӣ	свобода	*freedom [ˈfri:dəm]*
Оила	семья	*family [ˈfeɪmɪlɪ]*
Ойна	зеркало	*mɪrror [ˈmɪrə]*
Олам	мир	*world [wɜ:ld]*
Омадан	приходить	*to come [to kʌm]*
Ошхона	кухня	*Kɪtchen [ˈkɪʧɪn], nɑtɪonɑl cɑfé [ˈneɪʃ(ə)n(ə)l ˈkeɪfeɪ]*
Ошно	друг, приятель	*friend [frend]*

П

Пагох	завтра	*tomorrow[təˈmɪrəʊ]*
Пагохрӯзӣ	утро	*morning [ˈmɔ:nɪŋ]*
Падар	отец, папа	*father [ˈfɑ:ðə]*
Пазируфтан (пазир)	принимать, одобрять	*entertɑɪn [ˌentəˈteɪn], to receɪve [tu: rɪˈsi:v]*
Панҷа	пальцы	*fɪngers [ˈfɪŋɡəz]*
Пахта	хлопок	*(n) cotton [ˈkɔtn]*
Пешвоз гирифтан	встречать	*to meet [tu: mi:t]*
Пешниҳоҳ кардан	предоставление, выдвижение	*suɡɡestɪon [səˈʤesʧ(ə)n], proposɑl [prəˈpəʊz(ə)l]*
Пешонӣ	лоб	*forehead [ˈfɔrɪd]*
Пиёда	пешком	*on foot [ɔn fʊt], wɑlk [wɔk]*
Пиёз	лук	*onɪon [ˈʌnjən]*
Писар	сын, мальчик	*son [sʌn], boɪ [bɔɪ]*
Пойафзол	обувь	*shoes [ʃu:z]*
Пурсамар	эффективный, плодотворный	*effɪɡtɪve [ɪˈfektɪv],fruɪtfʊl [ˈfru:tf(ə)l]*
Пӯшидан (пӯш)	закрыть	*to close [tu kləʊs]*

Р

Равия	направление, тренд	*dɪrectɪon [dəˈrekʃn], trend [trend]*
Рақам	номер	*nʊmber [ˈnʌmbə]*
Рақс	танец	*dɑnce [dɑ:ns]*
Ранг	цвет, краски	*colɑʊr [ˈkʌlə]*
Расм	картина	*pɪctʊre [ˈpɪkʧə]*
Рафтан (рав)	идти, идя	*to ɡo [tu: ɡəʊ]*
Рафтор	поведение	*behɑvɪʊr [bɪˈheɪvɪə]*
Рафтомад	посещение, поездка	*vɪsɪt [ˈvɪzɪt]*
Рахнамо	руководство	*ɡʊɪde [ɡaɪd]*
Рохбар	лидер, начальник	*leɑder [ˈli:də]*
Рухсатӣ	отпуск	*holɪdɑy [ˈhɔlɪdɪ], Vɑcɑtɪon*

		[ˌedʒʊˈkeɪʃn]
Тарозу	весы	*scales [skeɪlz]*
Тарчума	перевод	*translation [trænsˈleɪʃn]*
Таҳсил	учёба	*studies [ˈstʌdɪs],learning [ˈlɜːrnɪŋ]*
Таҳсил кардан	учиться	*to study [tu ˈstʌdɪ]*
Тачриба	опыт	*experience [ɪkˈspɪ(ə)rɪəns]*
Таътил	каникулы	*holiday [ˈhɔlɪdɪ], vacation [vəˈkeɪʃ(ə)n](for students)*
Тоза	чистый	*clean [kliːn]*

У

Узр	извинение, прощение	*apology [əˈpɔlədʒɪ], excuse [ɪkˈskjuːs]*
Уқёнус	океан	*ocean [ˈəʊʃ(ə)n]*
Улум	науки	*sciences [ˈsaɪəns]*
Умр	жизнь	*life [laɪf]*
Умр дидан	жить	*to live [tu lɪv]*
Умуман	вообще, в целом	*in general [m ˈdʒen(ə)rəl], overall [ˈəʊvəˈrɔːl]*
Умумӣ	общий	*general[ˈdʒen(ə)rəl], public [ˈpʌblɪk]*
Урф	обычай, обряды	*customs [ˈkʌstəmz], habits [ˈhæbɪt]*
Усто	мастер	*master [ˈmaːstə], foreman [ˈfɔːmən], skilled workman [skɪldwɜːkmən]*
Устохона	мастерская	*workshop [ˈwɜːkʃɔp]*
Устод	учитель, наставник	*teacher [ˈtiːʧə],mentor [ˈmentɔːr]*
Устувор	прочный, устойчивый	*steady[ˈstedɪ], firm[fɜːm]*
Устухон	кость	*bone [bəʊn]*
Уҳда	объязательство	*duty [ˈdjuːtɪ], responsibility [rɪˈspɔnsəˈbɪlɪtɪ], task [taːsk], job [dʒɔb]*
Ӯ	он, она	*he [hiː], she [ʃiː]*

Ф

Фаҳмидан	понимать	*to understand[tu ˈʌndəˈstænd]*
Фаҳмондан	объяснить	*to explain [tuɪkˈsplem]*
Фардо	завтра	*tomorrow [təˈmɔrəʊ]*
Фарёд	крик, возглас	*cry [kraɪ], shout[ʃaʊt], yell [jel]*
Фарзанд	ребёнок	*child [ʧaɪld]*
Фаромадан	спускаться, сходить	*to go down [tugəʊ daʊn], to get off [tu getɔf]*
Фарҳанг	культура	*culture [ˈkʌlʧə]*
Фарш	пол, покрытие	*floor [flɔː]*
Фасл	сезон, время года	*season[ˈsiːz(ə)n]*

Бача	ребёнок, мальчик	*child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]*
Бачагона	детский	*childish [ˈʧaɪldɪʃ], children's [ˈʧildrənz], for a child [fɔː(r) əʧaɪld]*
Башардӯстона	Гуманистический	*humanitarian [hjuːˈmœnɪˈte(ə) rɪən]*
Беморхона	больница	*hospital [ˈhɔspɪtl]*

В

Вай	он, она, оно, его, её	*he [hiː], she [ʃiː], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜː]*
Варақ	лист	*leaf [liːf]*
Варзиш	спорт	*sport [spɔːt]*
Варзишгар	спортсмен	*sportsman [ˈspɔːtsmœn]*
Васл	связь	*relations [rɪˈleɪʃənz]*
Ватан	родина	*homeland [ˈhəʊmlənd], motherland [ˈmʌðəlœnd]*
Ватанӣ	отечественный	*domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætriˈɔtik]*
Ваҳдат	единство	*unity [ˈjuːnɪtɪ] reconciliation [ˈrekənsɪlɪˈeɪʃ(ə)n*
Ваъда	обещание	*promise [ˈprɔmɪs]*
Вилоят	область, край	*region [ˈriːʤ(ə)n], province [ˈprɔvɪns]*
Вобаста	зависимый	*dependent [dɪˈpendənt], related [rɪˈleɪtɪd]*
Воқеа	событие	*event, [ɪˈvent] incident [ˈɪnsɪd(ə)nt]*
Воқеъ будан	быть расположенным	*to be located[təˈbiː [ləʊˈkeɪtid] , to be situated [təˈbiː ˈsɪtueɪtid]*
Волидайн	родители	*parents [ˈpe(ə)rənts]*
Вохӯрдан	встретить	*to meet with smb[tu miːt wɪð smb]*
Вохӯрӣ кардан	встречаться	*to greet [tu griːt], to shake hands [tu ʃeɪk hændz]*

Г

Газета	газета	*newspaper [ˈnjuːsˈpeɪpə]*
Галстук	галстук	*tie [taɪ]*
Гап задан	разговаривать	*to speak [tu spiːk]*

		[yə ˈkeɪʃ(ə)n]
Рӯй, рӯ	лицо	*face [feɪs]*
Рӯз	день	*day [deɪ]*
Рӯзи корӣ	рабочий день	*working day [ˈwɜːkɪŋdeɪ]*
Рӯзнома	дневник, газета	*school record book [skuːl ˈrekɔːdbʊk], newspaper [ˈnjuːsˈpeɪpə]*

С

Савол	вопрос	*question [ˈkwesʧ(ə)n]*
Саёхат кардан	путешествовать	*to travel [tu ˈtrœv(ə)l]*
Саёх	турист	*tourist [ˈtu(ə)rɪst]*
Санҷиш	тест	*quiz [kwɪz], test [test]*
Санъат	искусство	*art [aːt]*
Сар	голова	*head [hed]*
Сару либос	одежда	*clothes [kləʊ(ð)z]*
Сартарошхона	парикмахерская	*barber [ˈbaːbə]*
Сарҳад	граница	*border [ˈbɔːdə]*
Саҳифа	страница	*page [peɪʤ]*
Синф	класс	*class[klaːs]*
Сохтмон	строительство	*construction [kənˈstrʌkʃ(ə)n]*
Сулх	мир	*peace [piːs]*
Суруд	песня	*song [sɔŋ]*
Сурх	красный	*red [red]*
Сӯзан	игла	*needle [niːdl]*

Т

Табассум	улыбка	*smile [smaɪl]*
Табиат	природа	*nature [ˈneɪʧə]*
Табиб	врач	*doctor [ˈdɑːktər], physician [fɪˈzɪʃ(ə)n]*
Табрик	поздравление	*congratulations [kənˈgreɪʧuˈleɪʃ(ə)n]*
Таклиф кардан	пригласить	*to invite [tu ɪn ˈvaɪt]*
Такрор	повтор	*repetition [ˈrepɪˈtɪʃ(ə)n]*
Такрор кардан	повторить	*to repeat [tuɪˈpiːt]*
Тамошо	смотреть, зрелище	*watch [waːʧ],see [siː];spectacle [ˈspektək(ə)l]*
Тан	тело	*body [ˈbɔdɪ]*
Тару тоза	свежий	*fresh [ʃreʃ]*
Тарафдор	сторонник	*supporter [səˈpɔːtə]*
Тарбия	воспитание	*upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education*

Тардаҳан	шея	*neck[nek]*
Тардаҳанда	ожерелье	*necklace [ˈneklɪs]*
Тарм (сӯзон)	теплий (жаркий)	*hot [hɔt],warm [wɔːm]*
Тарс	пыль	*dust [dʌst]*
Тарс кардан	бояться	*to cry [tu kraɪ]*
Тирпатан (тир)	взять	*to take [tu teɪk]*
Тирҷу атроф	окрестности, пригород	*suburbs [ˈsʌbɜːbz]*
Тиҷорат	торговля	*trade [treɪd]*
Тиҷорат кардан	торговать	*to trade [tu treɪd]*
Тоҷик	таджик	*tajik [ˈtaːʤɪk]*
Тоҷикистон	Таджикистан	*Tajikistan [taːʤɪkɪˈstaːn]*
Тоҷикӣ	таджикский	*Tajik [ˈtaːʤɪk]*
Тоҷиҳо	таджики	*Tajiks [ˈtaːʤɪks

АХБОР

Баррасии масоили муҳим

29-уми майи соли ҷорӣ ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода баргузор гардид. Дар ҷаласа аъзои ҳайати мушовара, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардорони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар кормандони соҳаи маориф ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Р. Саидзода ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуда, қайд кард, ки дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони соҳаи маориф ва илми кишварро мебояд, барои рушди соҳа, ҷиҳати амалигардонии стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва беҳтар намудани сифати таҳсилот саъю кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд.

Сипас ҳисоботи сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии вазорат Умед Ҳасанзода «Оид ба омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва муайян намудани эҳтиёҷоти онҳо ба маводи сӯхт (аз ҷумла, ангишту ҳезум)» ва ҳисоботи ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Аюб Усмонзода «Оид ба фаъолияти муассиса дар соли таҳсили 2022-2023» шунида шуд.

Дар охир вазири маориф ва илм ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон додашуда, ба масъулин доир ба ҷалби бештари кӯдакон ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, ислоҳи сариваҚтии камбудиҳои мавҷуда, назорати имтиҳонҳои хатм дар муассисаҳои таълимӣ, баргузории озмунҳо ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Вохӯрии вазир бо сафир

30-юми майи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркманистон дар шаҳри Душанбе Аймурод Кочмурадов баргузор гардид.

Вазири маориф ва илм меҳмононро ба Вазорати маориф ва илм хушомадед гуфта, ҷиҳати рушд ва таҳкими ҳамкориҳои судманд байни кишварҳо дар соҳаи маориф ва илм изҳори қаноатмандӣ намуд. Қайд гардид, ки ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон дар соҳаи маориф ва илм дар асоси "Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф" аз 4 октябри соли 2007 ба роҳ монда шудааст.

Рушди ҳамкориҳои таълимӣ байни кишварҳо на танҳо ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои эҳтиёҷоти бозори меҳнат, балки ба тавсеаи корҳои муштараки таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар ниҳоят бояд ба табодули дастовардҳои пешрафтаи илмӣ, технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф, тавсеаи табодули забон ва таҷрибаомӯзии илмии мутахассисон мусоидат кунанд, равона карда шудааст.

Дар навбати худ Аймурод Кочмурадов изҳор дошт,

ки таҳкими равобити дучониба дар самти маориф, махсусан, зинаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин имкон медиҳад, ки табодули донишҷӯён, таҳсили онҳо дар кишварҳои ҳамсоя ба таври густурда ба роҳ монда шавад.

Таъкид гардид, ки ҳадаф аз вохӯрии мазкур омӯхтани таҷрибаи пешқадам ҷиҳати баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо ва таҳкими муносибатҳои неки кишварҳо мебошад. Умед аст, ки вохӯрӣ ба самтҳои илм, таълим ва инноватсия такони нав бахшида, марҳалаи муҳимми рушди муносибатҳои муассисаҳои илмию таълимии Тоҷикистону Туркманистон мегардад.

Таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорон дар мадди назар

Таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ситоди корӣ оид ба таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони касбӣ Раҳим Саидзода дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм ҷаласаи онлайнӣ доир гардид, ки дар он сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорон ва мудирони раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва директорони муассисаҳои таълимӣ ба тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм иброз дошт, ки мақсад аз ташкилу баргузории ҷаласаи имрӯза, пеш аз ҳама, амалӣ намудани сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон санаи 25 майи соли 2024 дар ноҳияи Данғара ва пешгирию бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ба ҳисоб меравад.

Гуфта шуд, ки зимни вохӯрии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон вобаста ба як қатор мушкилоти соҳаи маорифи кишвар, аз ҷумла, оид ба фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон, дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор доштани муассисаҳои таълимӣ, дар 3 баст фаъолият доштани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, норасоии воҚеии омӯзгорон, сариваҚт ва бо сару либоси тавсиявӣ ҳозиршавии хонандагону омӯзгорон суҳбат намуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо дастурҳои мушаххас дод.

Ҳамзамон, дар ҷаласа рафти омодагӣ, ҷараёни аттестатсияи аз синф ба синфгузаронӣ ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фарогирии хонандагон ба истироҳатгоҳҳо ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар рафти мубодилаи афкор аз ҷониби иштирокчиён таклифу пешниҳодҳои судманд ироа гардид.

Қайд гардид, ки тибқи нархномаи муқарраргардида маблағи аттестати хатм дар бораи таҳсилоти асосӣ (синфи 9) ва таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11) дар соли 2024 дар ҳаҷми 8 сомонию 63 дирам пешбинӣ гардидааст. Моро лозим аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро ба падару модар ва роҳбарони синфҳо дуруст ба роҳ монда, ҳолатҳои коррупсиониро пешгирӣ кунем.

Дар охир, таъкид гардид, ки мо бояд дастуру супоришҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи сариваҚтии камбудиҳои мавҷуда тадбирҳои мушаххас андешем.

Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон таъмин аст

31-уми майи соли ҷорӣ дар меҳмонхонаи "Ҳилтон" дар остонаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҳти раёсати раиси Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар мавзуи "Пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак: дастовардҳо ва қадамҳои оянда" баргузор гардид.

Дар чорабинӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, сафири Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Раймундас Кароблис, намояндаи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Эри Двиведи, намояндаи доимии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Озан Севимлӣ, намояндагони ниҳодҳои давлатӣ, олимон ва рӯзноманигорон иштирок карданд.

Дар оғоз Дилрабо Мансурӣ оид ба дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон ёдовар шуда, иброз дошт, ки дар ин самт бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст, ки сиёсати давлатиро дар ин самт амалӣ менамояд.

Дар идома вазири маориф ва илм, сафири Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, намояндаи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, намояндаи доимии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар иштирокчиён суханронӣ намуда, таъкид гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдак заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда шуда, дар вазорату идораҳои дахлдор сохторҳои алоҳида оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст. Инчунин, дар ин самт Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак ва комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пайваста фаъолият мекунанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон, махсусан, дастрасии онҳо ба таҳсил аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад, зеро маърифатнокӣ омили асосии амалисозии дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумии асосии ройгон ва ҳатмӣ ҷорӣ шудааст.

Сипас муовини якуми вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Ализода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед, муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид бо ҳуқуқи кӯдак Мичгона Бобоҷонзода, роҳбари барнома оид ба бехатарӣ, пешгирии зӯроварӣ ва осеби Дафтари минтақавии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Аврупо Ҷонатан Пассморе, роҳбари бахши ҳифзи кӯдаки Хазинаи кӯдакони СММ ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Руслана Сирман, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии Ҳамсоягии неки Тоҷикистон Фароғат Мирзоева ва дигар шарикони рушд суханронӣ карданд. Зикр гардид, ки конференсияи мазкур дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти манъи қонунии ҳама гуна зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон фаро мегирад. Ин як қадами муҳим дар роҳи хотима додан ба ин амали зараровар ва таъмини некуаҳволии кӯдакон аст, аммо барои таъмини татбиқи амалии он бояд корҳои бештар анҷом дода шаванд, аз ҷумла, кор бо волидон ва парасторон оид ба беҳтар намудани малакаҳои мусбати волидайнӣ, дастгирии кӯдакон ва оилаҳо барои пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон.

Дар охири кори конференсия вобаста ба натиҷаҳои бадастомада эъломия қабул гардид.

Ёдовар мешавем, ки конференсияи мазкур дар ҳамбастагии Комиссияи миллии ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ, Ҳукумати Швейтсария ва дигар шарикони рушд баргузор гардид.

Дар Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ дар мавзуи «Масъалаҳои поэтика ва мушкилоти матншиносии осори Носири Хусрав» конфронс баргузор шуд.

Тиллоро садояш мешиносонад, одамро суханаш.
Гарсиан Балтасар

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

ИҚДОМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

Пешвои миллат – ташаббускор ва ҳомии амнияти экологии сайёра

Дар ҳошияи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ва расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ (27 июни соли 1997) дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Бунёди роҳу пулҳо, нақбу неругоҳҳо, сохтмонҳои азими саноатӣ, муассисаҳои нави таълимию фарҳангӣ ва ғайра аз ҷумлаи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбанд, ки кишвари моро ба марҳалаи сифатан нави рушду пешрафт ворид намуд. Дар баробари ин, Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардад. Ба роҳ мондани равобити хориҷӣ ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол аз муҳимтарину мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ ва сиёсати хориҷӣ дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёфт. Бори нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуданд, нақшаву барномаҳои бунёдкоронаву созанда, ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба ҷомеаи байналмилалӣ шиносониданд, ки дар таърихи навини сиёсати хориҷии Тоҷикистон он рӯз воқеан, муҳим ба шумор меравад. Рӯйдоди мазкур бо мазмуну ғоя ва ҷанбаҳои сиёсӣ, аз як тараф, баҳри кормандони дипломатияи кишвар судманд бошад, аз ҷониби дигар, барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳамияти таърихӣ дорад.

Ҳамин тариқ, зина ба зина сиёсати хориҷии кишвар рушду такомул ёфта, нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, марбут ба об, масоили экологӣ ва ҳифзи пиряхҳо бузург гардид.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмин намудани мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ, ҳалли проблемаҳои экологӣ ва ҳифзи пиряхҳо саҳми босазо мегузоранд. Бо ташаббус ва пешниҳодҳои башардӯстонаи Пешвои миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, таъмин бо оби тоза ва ҳифзи пиряхҳо корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Пешниҳодҳои мазкур ҷиҳати вусъат бахшидани фаъолият дар самти пешгирии хатарҳои тағйирёбии иқлим, таъмини мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ ва ҳифзи пиряхҳо мусоидат мекунанд. Масъалаи норасоии оби ошомиданӣ мушкилоти тамоми аҳли сайёра мебошад ва ҳар сол ҳазорон нафар аз истеъмоли оби ифлос ба ҳалокат мерасанд ва барои ҳалли ин мушкилот шахсе зарур буд, ки талош намояд ва ин мавзуъро дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дарвоқеъ, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ, ҳифзи пиряхҳо, таъмини аҳли сайёра бо оби ошомиданӣ бузург буда, ҳалли онҳо дар пешгирии паёмадҳои офатҳои табиӣ ва ҳифзи саломатии аҳли сайёра такони ҷиддӣ мебахшад. Ҳамин аст, ки аз замони расидан ба Истиқлоли давлатӣ ва таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари рушди соҳаҳои кишвар ба ташаббусҳои башардӯстона низ таваҷҷуҳ ва нигоҳи аҳли сайёраро ба ин проблемаҳо ҷалб карданд, ки ҳалли онҳо ногузир аст. Пешниҳоди нахустин дар он замон, ки кишвар аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ нав раҳо гардида, мушкилоти зиёде дар соҳаҳои хоҷагии халқ вуҷуд дошт, аз як тараф, ташаббускору дурандеш будани Пешвои миллатро бозгӯ кунад, аз ҷониби дигар, аз зуҳур ёфтани симои барҷастаи ин шахсияти таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки мехоҳад, ҷомеаи ҷаҳонӣ муттаҳиду ваҳдатгаро бошад ва дар роҳи таъмини хушиву саодат талош намояд.

Дар ин самт нахустин пешниҳоди Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи умумии СММ (1 октябри соли 1999) вобаста ба эълон намудани соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза мебошад. Дар асоси ташаббуси мазкур 20 сентябри соли 2000-ум дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон гардид. Бори нахуст дар шаҳри Душанбе аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид, ки дар он масоили умдаи таъмин намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо оби тоза мавриди баррасӣ қарор гирифт. Нуктаи муҳим он аст, ки форуми мазкур заминаи воқеиро ҷиҳати густариши ҳамкориҳо бо аксар кишварҳои сайёра ба вуҷуд овард ва нишон дод, ки дар оянда масъалаи тағйирёбии иқлим ва нарасидани оби тоза ба мушкилоти асосии сайёра табдил меёбад. Зарур аст, ки дар ин самт ҳамкориҳоро тақвият бахшид ва дар ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намуд.

Дуюм, барои боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият дар ин самт пешниҳоди дигари Сарвари давлат 23 декабри соли 2003 дар Маҷмаи умумии СММ вобаста ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" қабул гардид. Дар ин замина Эъломияи Душанбе қатъномаи дахлдорро қабул намуд ва солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард. Аҳамияти даҳсолаи мазкур аз он иборат аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ амалан ба ҳалли мушкилоти оби сайёра талош варзид.

Сеюм, эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010) мебошад. Дар заминаи ташаббуси мазкур, 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар ҷамъбаст эъломияи он, барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об ва натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об қабул шуд.

Ташаббуси мазкур ҳамкориҳои устуворро миёни давлатҳои ҷаҳон қавӣ гардонд ва табодули афкорро миёни пажуҳишгарон вусъат бахшид. Ин омил нишон медиҳад, ки маҳз ҳамбастагии ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад дар роҳи ҳалли проблемаҳои сайёра мусоидат намояд.

Иқдоми чоруми Тоҷикистон, ки ҳалли онро ногузир аст. Пешниҳоди нахустин дар он замон, ки кишвар аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ нав раҳо гардида, мушкилоти зиёде дар соҳаҳои хоҷагии халқ вуҷуд дошт, аз як тараф, ташаббускору дурандеш будани Пешвои миллатро бозгӯ кунад, аз ҷониби дигар, аз зуҳур ёфтани симои барҷастаи ин шахсияти таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки мехоҳад, ҷомеаи ҷаҳонӣ муттаҳиду ваҳдатгаро бошад ва дар роҳи таъмини хушиву саодат талош намояд.

ки дар форуми 7-уми умумиҷаҳонии об, моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгуи Кореяи Ҷанубӣ муаррифӣ гардид, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифт. Вобаста ба ин, 21 декабри соли 2016 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қатъномаи ҳудро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" қабул намуд, ки он аз 22 марти соли 2018 шуруъ шуда, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

Ташаббуси панҷуми Тоҷикистонро 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард.

Мусаллам аст, ки об ҳамчун омили муҳимми рушди устувор ва зиндагибахши ҳаёти инсоният мебошад. Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба об ҳамчун неъмати бебаҳо ниёз дорад ва он заминаи рушди кишварҳои ҷаҳон дониста мешавад. Бо тараққиёти технология ва зиёд гардидани корхонаҳои саноатии бузург, тағйирёбии иқлим мушкилоти оби тозаро дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд овардааст.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (20.06.2018, ш. Душанбе) таъкид доштанд, ки «дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани мушкилоти иқтисодӣ мегардад. Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад. Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард».

Дарвоқеъ, даҳсолаи мазкур, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳо ба вуҷуд меорад ва метавон ҳалли мушкилоти мазкурро дар ҳамбастагӣ бартараф кард. Гузаронидани конфронсу симпозиумҳои сатҳи байналмилалӣ ва қабули қарору эъломия вазифаҳои мушаххасро дар назди аҳли ҷомеа мегузорад ва кишварҳои ҷаҳонро водор месозад, ки бештар ба «энергияи сабз» таваҷҷуҳ намоянд, ки ин омил, аз як тараф, неруи барқи аз ҷиҳати табиӣ бехатар ба аҳолиро таъмин мекунад, аз ҷониби дигар, вазъи экологии ҷаҳонро ба танзим медарорад ва мушкилоти дастрасӣ ба оби тозаро бартараф месозад.

Дар шароити бавусъати тағйирёбии иқлим, ки ҳифзи манбаъҳо ва таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, дар ин ҷода Тоҷикистон давлати ташаббускору пешгом дар сиёсати ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27, 07.11.2022, Миср) зикр намуданд, ки «...ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз аст ва дар ин радабандӣ кишвари мо дар ҷойи 130-юм қарор дорад, яъне, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд».

Ибтикори панҷуми Тоҷикистон, эълон намудани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряҳо» такмилбахши ташаббусҳои пешин буда, зарурати нигоҳдории бойигариҳои табиатро маънидод мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пешбарандаву ташаббускор доир ба ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, ҳомии оби тоза ва кӯҳҳо дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки ин ба татбиқи Рӯзномаи рушди устувор-2030 иртибот мегирад.

Ин эътироф ва қадршиносии ҷомеаи ҷаҳонӣ далели он аст, ки кишвари Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олии мамлакат ва муаррифии кишвар дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар доираи ин ташаббусҳо стратегия, санадҳои муҳиму зарурӣ ва ҳамкории муштарак ҷиҳати пешгирии ҳифзи ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряхҳо, ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таҳқиқ таҳлилу муайян мекунад, ки масъалаҳои тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, ҳифзи пиряхҳо ва дигар мушкилот дар оянда ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дошта, хисороти зиёдеро ба бор хоҳад овард. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кардаанд. Маълум аст, ки ҳодисаҳои табиатро бартараф намудан аз доираи неруи инсон берун аст, вале имкон дорад, ки онҳо пешгирӣ ва ё кам карда шаванд. Дар ин замина зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи дуруст ва самараноку муфиди манбаъҳои табиат эътибор диҳем. Яъне, инсонро зарур аст, ки бо табиат муросо намояд ва ҳаргиз зидди он амал накунад, ки ба гармшавии иқлим, обшавии босуръати пиряхҳо оварда расонад. Дар ин самт ҷомеаи ҷаҳониро мебояд, дар ҳамбастагӣ амал кунад, чиҳати пайдо кардани роҳҳои ҳалли баромадан аз бунбасти экологӣ пажуҳишҳои фарогирро пешниҳод намояд. Пешниҳодҳои байналмилалии Тоҷикистон низ ба ҳамин самт нигаронида шудаанд, то кишварҳои ҷаҳон дар ин масъала маблағгузориро бештар намоянд ва хушкшавии дарёву баҳрҳоро пешгирӣ кунанд. Дар замони муосир тағйирёбии иқлим бештар ба омилҳои инсонӣ рабт мегирад ва бепарвоии одамон бо партовҳои газҳои гулхонаӣ ба гармшавии иқлим дар сайёра оварда мерасонад. Дар баробари ин, таҳқиқҳои густурда дар сатҳи ҷаҳонӣ бояд сурат гирад ва роҳҳои пешгирии мушкилоти экологӣ нишон дода шавад. Инчунин, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои пажуҳишӣ бояд дар сатҳи баланд ҷараён гирад, то муайян карда шавад, ки сабаби обшавии бусуръати пиряхҳои кишвар кадом аст ва омилҳои пешгирии он бо истифода аз технологияи пешрафта мушаххас гардад.

Шоистаи таъкид аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар васоити ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ ба таври фарогир инъикос ёфтаанд, ки аз як ҷониб, нақши Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии ҷаҳон нишон диҳанд, аз сӯйи дигар, ба баланд шудани обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон аз ҷониби пажуҳишгарону публитсистон ба таври фарогир омӯзишу таҳқиқ ва дар ин боб китобу рисолаҳои арзишманд таълиф шавад.

Воқеан ҳам, ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ обрӯю нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол баланд гардонд ва нақши Сарвари давлати тоҷиконро ҳамчун шахсияти таърихӣ дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври аҳсан нишон дод.

Насриддин ОХУНЗОДА,
номзади илми филология

Дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи илмиву таҳқиқотии «Иқтисоди сабз» амал мекунад.

ҲАМОИШ

Ҷаласаи Шурои директорони Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф

4-уми июни соли равон дар шаҳри Берлини Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҷаласаи Шурои директорони Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф оғоз гардид. Дар кори ҷаласа вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар баробари як қатор вазирони маорифи кишварҳои гуногун иштирок намуд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ифтитоҳӣ ҳамчун аъзои Шурои директорон вобаста ба таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба соҳаи илму маориф дар замони муосир ва бартарият ба он суханронӣ намуда, қайд кард, ки соҳаи илму маориф асоси рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як давлатро ташкил медиҳад. Ҳамаи шаҳрвандон танҳо баъди гузаштан аз зинаҳои гуногуни таҳсилот вориди ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, фарҳангу маориф, тиҷорату бозаргонӣ ва низомӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, соҳаи маорифро метавон заминаи рушди ҳамаи соҳаҳои дигар номид.

Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Оғози корҳои сохтмонӣ дар биноҳои шуъбаҳои маориф

1 июни соли ҷорӣ дар доираи дастуру ҳидоятҳо ва сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои сохтмонӣ дар биноҳои маъмурии шуъбаҳои маориф дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Лахш бо иштироки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода ва раисони ноҳияҳои зикршуда оғоз гардид.

Биноҳои маъмурии шуъбаҳои маориф тибқи лоиҳаи иншоот аз 3 ошёна иборат буда, дар он ҳуҷраҳои кории мудир, муовин, муҳосибот ва 14 ҳуҷраи кории дигар, маҷлисгоҳ ва дигар ҳуҷраҳои техникиву ёрирасон ҷойгир карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди қитъаи замин сохтмони бинову иншооти ёрирасон ва ободонию кабудизоркунии гирду атрофи иншоот пешбинӣ гардидааст.

Зимни оғози корҳои сохтмонӣ гуфта шуд, ки биноҳои маъмурии шуъбаҳои маорифи ин ноҳияҳо дар асоси иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт 24-26 июни соли 2019 баён доштанд, ба нақша гирифта шуда, муҳлати ба истифода супоридани иншоот соли 2026 пешбинӣ гардидааст.

Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶАЛАСАИ САЙЁР

Минтақаи Рашт: аз иҷрои барномаҳои давлатӣ то баланд бардоштани сифати таълим

1 июни соли ҷорӣ дар Қасри фарҳанги ноҳияи Рашт таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он аъзои ҳайати мушовара, муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода, ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Наврӯз Мирзозода, раиси ноҳияи Рашт Зарина Идизода, муовинони раисони ноҳияҳои минтақаи Рашт, сардорон ва кормандони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, мудирони шуъбаҳои маориф, директорони муассисаҳои таълимии ноҳияҳои минтақаи Рашт ва дигар шахсони масъул ба тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ ширкат доштанд.

Нахуст Раҳим Саидзода дар ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои минтақаи Рашт ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуд.

Сипас гузориши сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Шарофиддин Асомиддинзода «Оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияҳои минтақаи Рашт» шунида шуд.

Зимни баррасии масъалаи мазкур раиси ҷаласа таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, гирифтани пеши роҳи ҳизбу ҳаракатҳои бегона, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани имтиҳонҳои хатм, иҷрои барномаҳои давлатӣ, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, ташкили марказҳои инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимӣ, зиёд кардани шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, бозомӯзии мураббиён, риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ дар муассисаҳои томактабӣ, риояи талаботи хуччатгузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, иштироки хонандагону омӯзгорон дар дарс, бақайдгирии довталабон дар имтиҳонҳои марказонидашудаи Маркази милии тестӣ, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, пешниҳоди маълумоти омории дуруст оид ба норасоии кадрҳои педагогӣ, ҳозиршавии омӯзгорони ҷавон ба ҷойи кор, ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ фаро гирифтани омӯзгорони дорои ихтисосҳои ғайрипедагогӣ, таъмини хонандагон ба китобҳои дарсӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, риояи санадҳои меъёрии батанзимдарорандаи соҳа, дастгирии омӯзгорони ҷавон, омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши забонҳои русиву англисӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм – фурӯғи маърифат" ва "Тоҷикистон – Ватани азизам" ва дастгирии омӯзгорони онҳо, ба таҳсили ҳатмӣ фаро гирифтани хонандагони синфҳои 10 ва 11, риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи масъулияти тарбияи кӯдак» равона карда, ба масъулин ҷиҳати иҷрои ҳатмию саривақтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм супоришҳои қатъӣ дод.

Дар идома вобаста ба масъалаҳои баррасишуда раиси ноҳияи Рашт Зарина Идизода суханронӣ намуда, баргузории чунин ҷаласаро амри зарурӣ маънидод кард. Бо назардошти ироаи таклифу пешниҳодҳои аҳли толор вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар охир вазири маориф ва илм Р. Саидзода иброз дошт, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф зина ба зина рушд меёбад. Аҳли маорифи кишвар, махсусан, аҳли маорифи ноҳияҳои минтақаи Рашт ро мебояд, ки дар ҷавоб ба ин дастгириҳо ба таълиму тарбия диққати ҷиддӣ диҳанд.

Дар охир 10 нафар омӯзгору фаъоли соҳа бо унвони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва 10 нафар бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии ноҳияи Рашт мизу курсӣ барои 100 ҷойи нишаст, 2 адад тахтаи электронӣ ва 4 кабинети фаннӣ туҳфа карда шуд.

Ғолибияти хонандагони тоҷик дар олимпиадаи байналмилалӣ

Аз 27 то 30 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон 2-юмин олимпиадаи байналмилалии Ал-Хоразмӣ аз фанни математика миёни наврасон бо фарогирии зиёда 140 иштирокчӣ аз 6 давлати ИДМ баргузор гардид.

Дар ин олимпиадаи сатҳи баланд аз Ҷумҳурии Тоҷикистонро 12 нафар хонанда аз муассисаҳои таълимии кишвар иштирок намуда, сазовори 9 ҷойи ифтихорӣ, 1 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм ва 6 ҷойи сеюм гардиданд.

Донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шукрона Тоҳирӣ ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯи сол» гардид.

Эҳтиром мехоҳӣ, таҳқир макун.

Гарсиан Балтасар

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

АХБОР

"Барномасози ҷавон"

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди маориф ва илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Дар ин самт Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ёрии амалӣ расондан ба омӯзгорону хонандагон дар самти татбиқи васеи барномаҳои муосири электронӣ дар раванди таълиму тарбияи наврасону ҷавонон тадбирҳои зиёдро амалӣ мекунад.

Ин навбат, бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2020, №1445 оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" озмуни ҷумҳуриявии "Барномасози ҷавон" баргузор гардид.

Ҳадаф аз баргузории озмун тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги техникӣ, шавқу ҳаваси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ, шиносоии бештари хонандагон бо кашфиёти илмҳои муосир, ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон, бедор намудани шавқу завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккаби фаннӣ, баёни озодонаи фикр, аз худ намудани технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифодаи комёбиҳои соҳаҳои гуногуни илму техникаи муосир, дарёфти хонандагони болаёқат, ки ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ шавқу завқ доранд, ташвиқ ва тарғиби хонандагон дар самти созандагию эҷодкорӣ мебошад.

Озмун тибқи талаботи Низомнома барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ташкил шуда, 4 номинаро дар бар гирифт:

1. Барномасозӣ
2. Веб-барномасозӣ
3. Сохтани манбаи маълумот (база данных)
4. Сохтани шабакаҳои иттилоотӣ

Дар озмун аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ хонандагони боистеъдод ҷамъ омада, сабқат намуданд. Дар асоси талаботи озмун фаъолияти довталабон аз назари доварон баҳогузорӣ шуда, беҳтарин барномасозони оянда ғолиб омаданд.

Ғолибон бо туҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм сарфароз гардиданд.

Расми беҳтарини кӯдакона

Дар доираи ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 майи соли 2024 даври ҷамъбастии нахустин озмуни ҷумҳуриявии расми беҳтарини кӯдакона дар мавзуи «Қоидаҳои бехатари аз сӯхтор» ва «Оташнишони наврас» дар Боғи Ирами шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Чорабиниро муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода ва муовини вазири корҳои дохилӣ Нозимҷон Иброҳимзода ифтитоҳ намуданд.

Озмуни мазкур бо мақсади тарбия намудани хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, шуҷоату далерӣ, мардонагӣ ва баланд бардоштани савия ва малакаи дониши онҳо баҳри риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор дар муассисаҳои таълимӣ ва манзилҳои истиқоматӣ, инчунин, ҳифзи моликияти давлатӣ ва хусусии шаҳрвандон баргузор шуд.

Озмун дар асоси талаботи Низомнома байни хонандагони синфҳои 4-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар чор давр баргузор гардид.

Дар даври ниҳоии озмун ғолибон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Дар умум, 21 нафар, аз ҷумла, 11 нафар ғолиб ва 10 нафар иштирокчии фаъол бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравии Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илм ва Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ қадрдонӣ шуданд.

ТАВЗЕҲ

Дар тарбия ҳама масъуланд

Аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 13 сол сипарӣ мегардад. Тайи ин муддат дар иртибот ба талаботи моддаву бобҳои он, барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва пешгирии насли наврас ва ҷавонон аз амалу рафторҳои номатлуб дар муассисаҳои таълимӣ, идораву корхонаҳо ва амсоли инҳо корҳои зиёди назаррасе анҷом дода шуданд. Аммо, бо вуҷуди ин, дар ин масъала, мақомоту ниҳод, алалхусус, муассисаҳои таълимӣ ва падару модарон масъулияти тарбияи насли наврасро ба дӯши якдигар ҳамл карда, ба таври фарогиру ҳамаҷониба ба иҷрои қонуни мазкур муносибати яктарафа зоҳир менамуданд. Ҳосил он гардид, ки на ҳамеша ва на ба гунаи ҷиддию масъулиятхоҳона ба тарбияи хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир мегардид ва ҳолатҳои қонунвайронкунию даст ба амалҳои ҷиноӣ задан аз ҷониби насли наврас ва ҷавонон зиёд мушоҳида шуд. Маҳз ба ҳамин масъала дахл карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар бо таассуф зикр намуданд: «Ҳамзамон ба ин, таъкид месозам, ки ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи кишвар дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст». Аз ин рӯ, зарурати дар таҳрири нав ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир қабул кардани қонуни зикршуда ба миён омад. Дар ибтидои моҳи май лоиҳаи қонун дар таҳрири нав дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Номи ин санади муҳим ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» иваз карда шуд. Дар таҳрири нави қонун якчанд модда илова шудааст. Акнун дар таълиму тарбияи насли наврас на танҳо волидон, балки дигар ниҳоду сохторҳо, аз қабили омӯзгорону муассисаҳои таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатӣ ва намояндагони ҷомеа масъул буда, дар сурати рух додани ҳодисаю амалҳои номатлуб ҷазои маъмурӣ барои масъулон яксон аст.

Қонуни мукаммалгардида аз 7 боб ва 25 модда иборат аст. Ҳамчунин, дар моддаи 8-и қонун ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати муайян кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият дар таълиму тарбияи кӯдакон ва дар моддаи 9 ваколатҳои ин мақом барои амалӣ гардондани сиёсат дар ин самт муқаррар шуданд. Ҳамчунин, дар масъалаи фарзандони худро таҳти сарпарастии хешу пайвандон гузоштану бе расмиёт ба давлатҳои дигар сафар кардани падару модарон мушкилиеро дар қонун ба вуҷуд оварда буд. Дар таҳрири нави қонун ин мушкилот бартараф гардида, дар сархати 7, моддаи 1 дар баробари падару модар, ҳамчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак, воқеан, дар таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, масъул гардиданд.

Мусаллам аст, ки тибқи қонуни ҷадид таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ то синфи 11 ҳатмӣ гардид. Вобаста ба ин, дар заминаи тағйиру иловаҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои волидоне, ки садди роҳи фарзандонашон баъди хатми синфи 9 мегарданд, шадидтар мешавад. Дар робита ба тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии ҷумҳурӣ низ ислоҳоту дигаргунӣ (дар моддаҳои 90 ва 464) ворид карда хоҳад шуд. Дар ин замина, чанде қабл аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ ва ба он як силсила тағйироту иловаҳо ворид гардид. Аз ҷумла, барои минбаъд дар рӯзҳои иди Рамазону Қурбон ид намудани кӯдакон манъ карда шуд. Чунин тағйироту иловаҳо ба моддаи 9-и лоиҳаи Қонун «Дар бораи танзиму ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид гардид, ки мувофиқи он дар рӯзҳои Рамазон ва Қурбон исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва туҳфаҳои дигар (идгардак) манъ карда шуд.

Дар воқеъ, дар боби 1-и қонуни зикршуда «Муқаррароти умумӣ» дар моддаи «Мақсад, вазифа ва доираи амали Қонуни мазкур таъкид гардидааст:

1.Мақсади Қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд, иборат аст. Қонун, ҳамчунин, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона шудааст. Мақсад аз тағйироту иловаҳо ба ин қонун дар масъалаи исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва туҳфаҳои дигар (идгардак), тарбияи дурусти кӯдакон ва таъмини бехатарии онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, падару модарон дар ҳамкории самарабахш бо муассисаҳои таълимӣ бояд барои пешгирии рафтору амалҳои аз ҷониби наврасон – хонандагон тибқи қонун манъшуда саъйю талош намуда, дар ин масъала дар ҷамъомадҳои умумимактабӣ ин тағйироту иловаҳоро ба мактабиён шарҳу тавзеҳ бидиҳанд. Тайи чанд соли охир тақлид ва пайравии кӯр-кӯрона ба фарҳанги бегона ба як раванди фарогир табдил гардид. Кор то ҷое расид, ки волидон на танҳо худ либосҳои миллатҳои дигарро ба бар мекарданд,

балки чунин тарзи либоспӯширо ба писарону духтарони худ талқину таъкид менамуданд. Дар натиҷа ҷомеаро фавҷи наврасону ҷавонони либосҳои ба фарҳанги мо бегона ба баркарда фаро гирифт. Дар ин маврид як нуқтаро зикр кардан аз фоида холӣ нест, ки ҳар амали тақлидгароёна дар заминаи ноогоҳӣ аз моҳияту ҳадафи пешниҳодшудаи ин ҷузъиёт (аз қабили либосҳои фарҳангӣ бегонаро ба бар кардану риш мондан ва ғайра) сурат мегирифт, ки ҳамакнун тибқи тағйироти воридшуда ба Қонуни зикршуда «воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ гардид». Дар хусуси тантанаҳои намоишкорона ҳангоми бозгашти ҳоҷиён бо оростани зиёфатҳои пурдабдаба низ солҳои охир дар васоити ахбори омма сару садоҳо зиёд паҳн гардиданд, ки ҳосили ин ҳама маъракаҳои бемоҳият ба ҷуз харҷу исрофи беҳуда чизи дигаре набуд. Моддаи 13–и қонун минбаъд дар доираи оила гузаронидани маъракаҳои гуселу пешвози ҳоҷиёнро пешбинӣ карда, тақсими туҳфаҳо, идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ва ё умра манъ карда шудааст.

Ҳамчунин, дар моддаи 10-и қонуни болозикр – «Тӯйи домодию арӯсӣ» тағйирот ворид ва гузаронидани на зиёда аз 2 маъракаи пешбинӣ гардида, ташкили маъракаҳои дигари ба тӯйи домодию арӯсӣ алоқаманд манъ карда шуд.

Дар ин қисмати тағйироту иловаҳо ба сокинони кишвар тавсия ва пешниҳод мегардад, ки маблағҳои барои додани зиёфат ё оши тӯйро ба иҷрои амалҳои хайр сарф намоянд.

Дар умум, дар асоси ин тағйироту иловаҳо бояд қайд кард, ки масъулияти падару модарон ва омӯзгорон баланд гардида, онҳо муваззафанд, ки назоратро аз болои амалу рафторҳои наврасону мактабиён тақвият бахшида, нагузоранд, ки онҳо муқаррароти мавҷудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро вайрон карда, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Зеро дар боби 5-и қонун «Муқаррароти хотимавӣ», моддаи 15-«Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур» возеҳу равшан таъкид гардидааст:

1.Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Бо ин мақсад беҳ мебуд, то талаботи қонуни зикршуда бо тағйироту иловаҳои воридкардашуда аз ҷониби ҳамагон риоя гардад ва ба амалҳои исрофкорона роҳ дода нашавад.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Хоруғ байни наврасони эҷодкор озмуни «Намоиши илмӣ» баргузор гардид.

ТААССУРОТ

Ба устод арҷ бояд гузошт

Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии худро бедарег ба фарзандон медиҳад ва хешро хушбахт меҳисобад.

Эмомалӣ Раҳмон

Арҷгузорӣ ба хидматҳои мондагори гузаштагон, устодону омӯзгорони соҳибтаҷрибаву донишманду номошно аз суннатҳои деринаи мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Профессор Саймумин Ятимов дар мақолаи “Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ”, ки аз рӯзгор ва фаъолияти ибратбахши устоди хеш Қаюм Сангов нақл мекунад, ба мо низ дарси бузурги ибрат гардид. Имрӯз, ки ҷомеаи мо хостори баланд шудани мақому манзалати омӯзгор аст, чунин матлабҳо таъсиргузор хоҳанд буд.

То замоне ки ба устод, муаллим, мураббӣ чун идеал назар наяфканем, дар симои ӯ донишу фазл ва матонату ахлоқро намебинем, дар гумон аст, ки фарзандони зираку ҳушёр ва ҳамадонро ба камол расонем. Муаллиф низ ба роҳу усулҳои сохтани инсони созанда ишора карда, менависад: “Ҷараёни аз одам сохтани инсони созанда, ҳаракати абадӣ ва беохири ҷомеаи башарӣ ба сӯйи зиндагии шоиста буд, ҳаст, мемонад. Дар ин раванд оила, муҳити маънавӣ, мактабу маориф, бо як ибора - муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим, созанда, асосӣ, муайянкунандагӣ, ҳалкунанда ва қонунмандӣ доранд”.

«Омӯзгор» №21, 23 май соли 2024 Пурӣ бемории пирист. #Бенҷамин Ҷонсон СИМО 5

ШАРАФМАНД

Бузургтарин ганҷвари тавҳиди инсон ҳаст. Маҳ 7 гоҳаяки дунёи мутаҳаррик мебошад. Агар мехостанд ба тарзи ҳаҷм ҳадди ҳаҷмро, яъне ҳаҷм ва ҳаҷмро ҳисоб кунанд, ҳаҷм ҳаҷмро ҳисоб кунанд, ҳаҷм ҳаҷмро ҳисоб кунанд, ҳаҷм ҳаҷмро ҳисоб кунанд.

Ба ин ҳисоб ба ин ҳисоб ба ин ҳисоб

Одаме нест, ки ҳама хуб ё ҳама бад бошад.
Люк Вовенарг

«Омӯзгор» №23, 6 июни соли 2024

НАЗМИ ВОЛО

Қудрату эъҷози сухани Ҳофиз

Дар адабиёти классикии тоҷику форс ҳар як шоир бо маҳорату ҳунари сухангустарии худ ҷойгоҳи хосаро дорост. Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад мулаққаб ба Ҳофиз, яке аз шоирони нобиға ба шумор рафта, дар сархати соҳибдевонҳои машҳуру мондагори адабиёт қарор дорад. Дар хусуси қудрати сухани муъҷизаомези шоири «лисонулғайб» донишманди фарҳехтаи тоҷик, профессор Абдунабӣ Сатторзода дар матлаби «Шоири шоирони асрҳо ва наслҳо», аз ҷумла, чунин гуфтааст:

«Мутолиаи «Девон»-и ин бузургтарин гӯяндаи ғазал ва садрнишини он дар тамоми давру замонҳо, пеши ҳамаи миллатҳо ва қавмҳо моро ба ин натиҷа овард, ки сабке, ки дар ғазали форсии тоҷикӣ бо номи сабки Ҳофиз ё ғазали ҳофизвор шуҳрат дорад, дорои унсурҳои зерин аст.

1. Корбурди хуштарину зеботарин, поку беғаштарин, латифтарину дилкаштарин, ширинтарину мавзунтарин таркибу таъбир. 2. Унсури дигари барҷастаи сабки шеъри Ҳофиз истеҳком дар забон ва баён аст. 3. Фаровонии тасвир, маънӣ ва нуктаҳои шоирона…».

Ҳофиз шоири ғазалсарост ва дар гуфтани ғазал на танҳо дар асри хеш, балки қарнҳои минбаъда низ шуҳрати тамом доштааст. Ҳарчанд дар сурудани ин навъи шеърӣ ҳамшеваю ҳамсабки Хоҷуи Кирмонӣ будани худро таъкид мекунад:

Устоди ғазал Саъдист пеши ҳама кас, аммо,
Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.

Аммо ба эътирофи кулли ҳамасрон ва ноқидони сухани гузаштаву имрӯза, мазмуну маънӣ ва тасвирҳои шоиронаи Ҳофиз дар қиёс бо дигар шоирони ғазалсаро, аз ҷумла, Саъдию Хоҷу хеле болотару баландтар аст. Тавре ки донишманди саршинос Шиблии Нуъмонӣ дар асари бунёдии хеш «Шеър-ул-аҷам» зикр мекунад:

«Хоҷа Ҳофиз аз як тараф, ғазалро тавре басту тавсеа дод, ки ахлоқ, фалсафа, тасаввур, панду мавъизат, сиёсат-ҳар қисм мазоминро дар он дохил карда, аз тарафи дигар, ин хусусиятро ҳам маҳфуз дошта, забоне, ки махсуси ғазал аст, яъне, латофату ширинӣ ва рангиниву зарофате, ки бояд барои он даркор бошад, ҳамаро риоят намуда, нагзоштааст, ки чизе дар ин миёна аз қалам бияфтад». Воқеан, Ҳофиз ҳамчун фарзанди замони худ дурӯягию каззобӣ, мунофиқӣ ва баҳсу мунозираҳои зоҳидони риёкор, ҳамзамон, муборизаҳои намояндагони мазҳабҳои гуногунро ба мушоҳида гирифта, пучу бебаҳо будани ин талошҳои бебунёдро басо ҳунармандона баён мекунад:

Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,
Чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд.

Вобаста ба ҳамин масъала, яъне, ҳукм баровардану фатво додан дар заминаи ҳадсзаданҳои беасос низ ошкоро изҳор медорад:

На қозиям, на мударрис, на муфтиям, на фақеҳ,
Маро чӣ кор, ки манъи шаробхора кунам?

Ҳофиз дар баъзе ғазалҳояш маъниву мазмунҳои олиро на бо истифода аз санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора, муболиға, иғроқ ва ғайра, балки вожаву таркибҳои содаву одӣ ифода мекунад, ки бозгӯйи эъҷози баёни шоирии ӯ ба шумор меравад. Аз ҷумла:

Такя бар ҷои бузургон натавон зад ба газоф,
Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ.

Ё дар ин байти машҳур:

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, сикандарӣ донад.

Аммо истифодаю корбасти саноеъи бадеӣ дар ғазалиёти Ҳофиз дар сатҳи олӣ қарор дошта, ин нуктаро адабиётшиноси маъруфи тоҷик, шодравон Холиқ Мирзозода ба таври махсус хотиррасон намудааст:

«Шеъри Ҳофиз аз санъатҳои лафзиву маънавӣ хеле бой аст ва барои ифодаи мазмуни баланд хизмат кардааст».

Балоғати гуфтор тамоми ғазалҳои шоирро фаро гирифтаст. Эътирозу додхоҳӣ ва исёну ошӯби ботинии ӯ гоҳо ба андозае ҷӯш мезанад, ки шоирро аз инсонҳои муқаррарӣ болотар ҷилва медиҳад:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро саҚф бишкофему тарҳи нав дарандозем,

Қудрати эъҷози сухани шоир то он манзалат аст, ки ӯ, бешак, соҳиби неруву дониш ва фаҳмиши тасаввурнопазир мебошад ва ин бардошт аз байти зерин ҳосил мешавад:

Гадои майкадаам, вақти мастӣ бин,
Ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунам.

Воқеан, «ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кардан» на аз ҷониби ҳар шоири сухангустар меояд. Аммо Ҳофиз дар ин байт аз имконоту неруи бузурги инсон ҳарф дар миён меандозад ва хеле дилкашу ҷозиб ва бо фасоҳат.

Ҳофиз нигоҳу биниши шоиронаи фарох дорад ва дар радифи ифодаи андешаҳои баланд, ба тасвири нодиракоронаи манзараҳои табиат рӯ меорад ва дар латофату нозукадӣ доди суханро медиҳад:

Соқӣ, биё, ки шуд қадаҳи лола пур зи май,
Томот то ба чанду хурофот то ба кай?

Хуллас, Ҳофизи Шерозӣ шоирест, ки ғазалҳои ӯ бо вуҷуди таҳқиқу таҳлили фаровон ҳанӯз розу муаммоҳое дорад нокушода, ки омӯзишу пажуҳиши доманадорро тақозо дорад.

Ҳадиса ХИДИРОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики
МТМУ №13, шаҳри Кӯлоб

МАҲОРАТ

Тарбияи зебоипарастӣ муҳим аст

Дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот эҳсоси зебоипарастӣ ва завқи бадеии хонандагонро бедор ва парвариш кардан ба мақсад мувофиқ аст. Чунин навъи тарбия, ки яке аз қисматҳои таркибии тарбияи ахлоқии насли наврас аст, ба ташаккули симои маънавӣ, идеали эстетикӣ ва ахлоқии онҳо алоқаи ногусастанӣ дорад. Мактаб вазифадор аст, ки дар ниҳоди шогирдон нисбат ба зебоии сарвати маънавии мардум эҳсоси нақиб парвараду дар заминаи он фарҳанги эстетикии шахсро ташаккул диҳад. Барои ноил гардидан ба тарбияи эстетикии хонандагон ташкил намудани маҳфилҳо аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Шакли дигари тарбияи эстетикии хонандагон, ташкил кардани мусобиқаҳо оид ба расмкашӣ байни созмонҳои талабагист. Хонандагон метавонанд дар мавзуъҳои «Баҳори диёри мо», «Гули дӯстдоштаи ман», «Деҳаи мо» ва ғайраҳо расмҳои кашидаашонро пешниҳод кунанд. Ин боиси инкишофи ҳаматарафаи завқи бадеии бачагон ва эҳсоси зебоипарастии онҳо мегардад. Ҳис кардани чизҳои дидаю шунида як навъ равзанае ба олами зебоист. Он

манбаи покии ахлоқ, боигарии маънавӣ ва камолоти ҷисмонӣ мебошад.

Тарбияи зебоипарастӣ ба тарбияи ҷисмонии шахс алоқаи зич дорад. Агар хонанда ҳаматарафа аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф наёбад, олами атрофро бо ҳама рангҳояш тасаввур карда наметавонад. Дар мактаб маҳфили ҳаваскорони санъат воситаи муҳимми бедор намудан ва инкишофи ҳиссиёти эстетикии мактабиён буда, ташкили дурусти он ба андӯхтани дониш, маҳорат, малакаҳои суруд ва мусиқӣ, дарки мазмуни асарҳои санъат мусоидат карда, ба ҳолати руҳии инсон тобишҳои мусбати эмотсионалӣ мебахшад.

Баҳри баланд бардоштани завқи бадеӣ ва эҳсоси зебоипарастӣ, ба театру осорхонаҳо ҷалб кардани хонандагон манфиатнок хоҳад буд. Ин корро ба таври коллективона ташкил намудан беҳтар аст. Чунки ҳангоми ин ё он спектакл шояд суолҳо ҳам пайдо гарданд, дар ин сурат омӯзгор метавонад саривақт бо хонандагони синф онро ҳаллу фасл намояд. Барои мисол, агар спектакли «Эдип» бошад, тамошобинро ба таърихи асри шашуми пеш аз милод ошно намуда, бо ҳодисаҳои печ дар печи худ хонандагонро ба сайри таърихии Юнон мебарад. Дар баробари ин, аксар ҳодисаҳои дар намоишнома рухдода аз нигоҳи фарҳанг, маросим ва ахлоқи ҷомеа баҳсталабанд. Бинобар ин, масъалаи мазкур хонандагонро аз як тараф, агар ба омӯзиш ва муқоисаи фарҳангу тамаддуни халқҳои олам раҳнамун намояд, аз тарафи дигар, расму оин, маросим ва анъанаи дигар халқҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Омӯзиши ин гуна асарҳо бо ҷанбаи ахлоқии хеш метавонанд, толибилмонро ба роҳ надодан ба фарҳанги зиддиахлоқии мардумони Машриқзамин раҳнамун созад.

Тамошои осорхонаҳо низ ҳамин гуна хусусиятро доро мебошанд. Як расми калонҳаҷм, новобаста ба шакли санъати рассомӣ, дар кӯдак завқи зебоипарастиро бедор менамояд. Дар робита бо ҳамин вохӯрӣ бо муаллифи ин ё он расми таърихии зебо ё ҳар гуна расми дилхоҳ бачаро бо коргоҳи рассом шинос намуда, таърихи тавлиди ин ё он расм муайян мегардад.

Роҳҳои тарғиби зебоипарастӣ, албатта, гуногунанд. Танҳо омӯзгор бо ташаббускориҳои хеш метавонад ба ҳадафҳои дарпешгузоштааш ноил гардад. Ташкил кардани саёҳат ба ҷойҳои таърихии маҳал (агар ба таълимгоҳ наздиктар бошанд), вохӯриҳо бо одамони касбу кори нақиб аз ҷумлаи тарғиби зебоипарастии хонандагон буда метавонанд.

Бахтиёр АБДУЛЛОЕВ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик,
сармутахассиси бахши идоракунии сифати таҳсилоти
Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0412399, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 ба номи Лоиқ Шералии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Шералиев Шоҳрух додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А-АТУ №07724489, ки онро соли 2020 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Мастов Салман Сабзиалиевич додааст, эътибор надорад.

Асар дар чопхонаи нашриёти «Омӯзгор», Шаҳрак ҳиссаи аз бекиҳоро ҷуҳ шуд.

ҲАФТАНОМА АЗ 26-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҲОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Суҳроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 41500 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: Ш. Раҷабзод